АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ
РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ВБД 334 (575.3)
ТКБ 65.05 (2 тоҷик)
Б-33



Бо ҳуқуқи дастнавис

БАҲОДУРОВА ҚУМРИНИСО ҚАЮМОВНА

ТАКМИЛИ МУҲИТИ МОЛИЯВИИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ

Роҳбари илмӣ: Ашуров И.С.
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Душанбе -2025

Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии назди Академияи илмҳои кишоварии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст

Роҳбари илмӣ: **Ашуров Ихтиёр Саидович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи "Молия ва қарз"-и Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Раҳматзода Рустам** – д.и.и., профессори кафедраи "Таҳлили иқтисодӣ"-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Валиев Низомиддин Шаробудинович – н.и.и., дотсенти кафедраи "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 23 декабри соли 2025, соати 10^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони Борбад 48/5) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (www.iutet.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2025 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Исмоилов А.А.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Ислоҳоти иқтисодиёти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ бояд хусусияти муназзам дошта бошад, ки дар такмили маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии марбут ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ зоҳир мешавад. Вазъи муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳам ба иқтисодиёти кишвар ва ҳам ба минтақаҳои алоҳида таъсири назаррас дорад.

Бо оғози ислоҳоти иқтисодӣ тафовутҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо рӯ ба афзоиш оварданд, ки бо истифодаи иқтидори иқтисодиву иҷтимоии ҳудуд, ташаккули муносибатҳои бозорӣ, ҳолат ва динамикаи афзоиши намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ вобастаанд. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати кишвар барои рушди соҳибкорӣ шароитҳои муфидро муҳайё сохта истодааст.

Аз ин ҷост, ки "Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд"[27].

Рушди ҳамаҷониба, мустаҳкам намудани истиқлолияти иқтисодӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои молиявӣ, истифода ва афзоиш додани нерӯи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун омилҳои асосии рушди соҳибкорӣ дониста шаванд ҳам, вале ҳанӯз омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамоянд. Ба ин омилҳо метавон вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дохил намуд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна мустақим ва ё ғайримустақим ба ташаккул ва рушди соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Сатҳи пасти капитализатсияи истеҳсолот, гарон будани арзиши қарзҳои бонкӣ, сарбории баланди андозӣ омилҳои боздорандаи рушди соҳибкории соҳаи кишоварзӣ гардидаанд. Бе ҳалли масъалаҳои ҳалталаби бунёди муҳити молиявӣ дар сатҳи кишвар, ширкати адоҳида, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҷалби сармоя аз имкон берун аст ва новобаста аз шакли моликият натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда намешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муайян карда шуд, ки доир ба бунёди муҳити молиявӣ дар сатҳи минтақаҳо ва мамлакат таҳқиқотҳо зиёде гузаронида шудаанд, вале қисми назариявӣ ва баҳои амалии он дар соҳаи кишоварзӣ он то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Ҳол он ки тибқи таълимоти классикони назарияи иқтисодӣ, асоси фаъолияти соҳибкорӣ дониш дар бораи шартҳо ва омилҳои муҳити соҳибкорӣ мебошад.

Имрӯз соҳибкор дар соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар шароите фаъолият карда истодааст, ки муҳити молиявӣ беҳбудиро тақозо дорад, зеро дахолат ба фаъолияти соҳибкорон аз ҷониби сохторҳои алоҳида, андозбандии баланд, амалҳои коррупсионӣ, сатҳи баланди фоизҳои қарзи бонкӣ, сатҳи пасти бо маблағ таъмин будан, низоми бесамари суғуртаи амвол ва фаъолият ва дигарҳо ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамоянд.

Зарурати омӯхтани асосҳои назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ, омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ, инчунин омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии муҳайё сохтани муҳити молиявии соҳибкорӣ, баҳои ҳолати муосири он дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани самтҳои асосии такмили онҳо, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшуда тақозо менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ. Дар марҳилаҳои гуногуни рушди илми иқтисодӣ олимон ба таҳқиқи муҳити молиявӣ ва мушкилоти соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи хоса доранд. Як қатор асарҳои илмие, ки ба соҳибкорӣ ва муҳити молиявии соҳибкорӣ бахшида шудаанд, аз ҷумла асарҳои иқтисодшиносони барҷастаи гузашта К. Маркс, Ф.Энгелс, М.И.Туган-Барановский , А.В. Китманов , Е.И.Комиссарова , Р.Кэмпбелл, Л.Макконел , Й.Шумпетер, Л.Брю , П.Самуэлсон, И.А.Чернухина , Э.А. Теплякова,

Л.А. Ковалерова , Ю.С. Караваева, С.А. Гурфова, Е.И. Комиссарова, В.И. Воронов ва ғ. бештар масъалаҳои назариявиро мавриди таҳқиқот қарор додаанд.

Таҳқиқоти фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон дар рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои олимони ватанӣ Абдуғаффоров А.А., Ашуров И.С., Алиева Г.Ш., Исмоилов Ш.М., Исмоилов А.А., Каримов Б.Х., Комилов С.Ҷ., Қудратов Р.Р.,Мадаминов А.А., Миркамолов А., Солиев А.А., Султанов З.С.,Хайрзода Ш.Қ.,Хоркашов И.С., Ҷабборов Ф.А., Ҷурабоев Г.Ҷ., Ҳабибов С.Х., Шамсиев Қ.Б., Эшов Д.К. ва дигар олимон-иқтисодчиёни ватанӣ таҷассум ёфтаанд.

Солҳои охир муҳаққиқон Ҳикматов У.С.доир ба муҳити соҳибкорӣ, Лолаев З.Х. доир ба рушди соҳибкории хурду миёна, Ҷайлоев З.М. доир ба танзими давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, Наимов Б.К. доир ба рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи кишоварзӣ, Наҷмиддинов Ф.Н. доир ба механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории хурд, Насриддинов Ш.Ш.доир ба муаммоҳои ташаккул ва дурнамои рушди соҳибкории кишоварзӣ, Досиев М доир ба рушди соҳибкории экологӣ ва дигарон рисолаҳои илмӣ дифоъ намудаанд, вале аз ҷониби онҳо оид ба ҷабҳаҳои назариявӣ ва методологии муҳити молиявии соҳибкорӣ диққати кофӣ дода нашудааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015” таҳти рақами №469 аз 3.12.2003, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» № 1194 аз 18.03.2015, «Дар бораи ҳоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) № 1289 аз 15.03.2016, ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2023 ироа шудаанд, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020)”, «Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021–2025», «Барномаи амнияти озуқавории ҶТ барои солҳои 2026-2030», « ва мавзуъҳои илмии Академияи миллии илмҳо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон робитаи бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот, таҳқиқи муқаррароти назариявӣ, услубии муҳити молиявии соҳибкорӣ, таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва баҳои ҳолати муосири муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва пешниҳоди самтҳои асосии таҳкими он дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявии муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба муҳити молиявии соҳибкорӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии таъмини муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- таҳлили ҳолати муосири муҳити дохилӣ ва берунаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- арзёбии ҳолати муосири микромуҳит ва макромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- пешниҳоди самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ тавассути:
  - таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ;
  - таҳияи стратегияи молиявӣ, чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;

- танзими давлатии фазои соҳибкорӣ дар пояи асосии таҳкими муҳити молиявии он.

Объекти таҳқиқот раванди ташаккул ва рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Мавзӯи таҳқиқот таҳқиқи муносибатҳои маҷмуӣ оид ба масъалаҳои рушди муҳити молиявии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таҳким додани он бо роҳи таҳияи стратегияи молиявӣ чун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ ва танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ба таҳкиму такмили муҳити молиявии он ноил гардидан мумкин аст.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Мавзуи диссертатсия «Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ) соли 2018-ум интихоб шуда, дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ тасдиқ гардидааст. Аз ҳамон сол ба ҷамъоварии маълумот шурӯъ карда, соли 2019 боби назариявии диссертатсия, солҳои 2021-2023 таҳқиқи ҳолати муосир ва солҳои 2023-2025 боби сеюми диссертатсия, хулосабарорӣ, тасвиби натиҷаҳо, таҳияи тавсияҳо амалӣ гашт. Доир ба мавзӯи диссертатсия ҷопи мақолаҳо аз соли 2004 шурӯъ карда шуд. Макони таҳқиқот Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2018-2025-ро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимон - иқтисодчиёни машҳури ватанию хориҷӣ ташкил медиҳад. Инчунин дар диссертатсия ҳисоботҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмию сохторҳои давлатӣ истифода шудаанд. Диссертатсия вобаста аз муносибатҳои методологӣ, ба таҷрибаи таърихии тараққиёт ва ислоҳоти иқтисодиёт такя намуда, роҳҳои такмил додани муҳити молиявии соҳибкориро дар Тоҷикистон муайян месозад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро мафҳумҳои муосири муҳити молиявии соҳибкорӣ, равишҳои низомӣ ва институтсионалӣ, инчунин назарияи муҳити молиявӣ соҳибкории кишоварзӣ ташкил медиҳанд.

Дар раванди тадқиқот усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили муқоисавӣ ва сохторӣ-функсионалӣ, усулҳои статистикии коркарди маълумот, усулҳои баҳодиҳии экспертӣ истифода шудаанд.

Асоси таҷрибавии тадқиқотро маводҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои илмии Институтҳои иқтисодиёт ва демография, иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва АИКТ, ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалии дар Тоҷикистон амалкунанда, ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷортии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор, хоҷагиҳои деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиён, ва “Ифтихор”-и ноҳияи Ёвон ташкил медиҳад.

Асосҳои меъёрию ҳуқуқии тадқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумат, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва диг. ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати иттилооти ибтидоӣ қонунҳо ва қарорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ доир ба ин масъала истифода бурда шудаанд. Нашрияҳои рӯзномаю маҷаллаҳо оид ба таъмин кардани аҳолии деҳот бо шуғл, хӯрокворӣ, нигоҳдорӣ ва ҳимояи сатҳи баланди зиндагӣ, ба кор ҷалб намудани ҷавонон низ пояи таҳқиқотро таъмин намуданд.

Пойгоҳи таҳқиқотро маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳо, вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои кишоварзӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методӣ: меъёрҳо ва стандартҳо, ҳисоботи ташкилотҳои лоиҳакашӣ, рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ оид ба масъалаҳои омӯхташаванда ва ба ин монанд, маърӯзаҳои кори амалии муаллиф ва ғайра ташкил медиҳанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ муайян намудани мафҳуми ибораи муҳити молиявӣ, баҳои ҳолати муосири он дар Тоҷикистон ва пешниҳоди самтҳои асосии такмили он ба ҳисоб меравад, ки аз қисмҳои зерин иборат аст:

- ❖ дар асоси таҳқиқоти назариявии мафҳуми “муҳити молиявии соҳибкорӣ” нуқтаи назари муаллиф дар таҳрири зерин пешниҳод гардидааст “муҳити молиявии соҳибкорӣ вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ ва экологии ташаккулёфтае мебошад, ки ба соҳибкорон имконияти озодона фаъолият карданро муҳайё месозад ва самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд”.
- ❖ исбот карда шудааст, ки таҷрибаи бо иттилоот таъмин намудани соҳибкории хурду миёна доир ба дастгирии давлатии Ҷопон, бозомӯзии мутахассисон ва бо тавсияномаҳо таъмин намудани соҳибкорони Чин, гирифтани машваратҳои маҷозӣ оид ба гирифтани қарз ва хизматрасонии ширкатҳои суғуртаи Фаронса, дастгирии молиявии соҳибкорони навтаъсиси Олмон, суғуртаи тиббии ИМА, таъсиси фонди кафолати рушди тиҷорати хурди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон қобили қабул аст;
- ❖ ошкор карда шудаст, ки сатҳи капитализатсияи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш доранд. Чораҳои зиёди амалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба такмили муҳити молиявӣ, барои рушди самараноки соҳибкорӣ заминаи мувофиқ муҳайё намоянд ҳам, вале натавонистанд рушди соҳибкориро таъмин намоянд ва боиси аз соҳибкорӣ даст кашидани шумораи зиёди соҳибкорон гардидааст;
- ❖ бо истифода аз усулҳои гуногуни таҳлил ба муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва макроиқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода, дурнамои рушди муҳити молиявӣ то соли 2030 муайян карда шудааст;
- ❖ модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия карда шуда, роҳҳои такмили он бо дарназардошти риояи принсипҳои асосии технологияи истеҳсолот, мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ, пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва саривақт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ, таъмини ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон пешниҳод гардидаанд.
- ❖ матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки он ба дастгирии давлатии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои истеҳсолию тиҷоратӣ, таъсиси фондҳои махсусгардонидашударо дар бар мегирад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

❖ асосноккунии пешниҳоди нуқтаи назари муаллифии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ ва исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзииТоҷикистон;

❖ баҳои ҳолати муосири рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ ва роҳҳои асосии таҳкими он дар сатҳи макроиқтисодӣ;

❖ пешниҳоди модели консептулии таҳия ва иҷрои стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ;

❖ матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ бо ташкили кластерҳои агросаноатӣ, таъсиси фондҳои махсусгардонидашуда барои соҳаи кишоварзӣ.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷгардида ба мукаммал гардидани заминаҳои назариявию методии раванди ташкили муҳити молиявии соҳибкорӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида барои қабули қарорҳои идора намудани соҳибкорӣ ва дастгирии давлатии он имконият фароҳам оваранд. Пешниҳоди муаллиф доир ба моҳияти иқтисодии муҳити молиявии соҳибкорӣ метавонад барномаҳои таълимии фанҳои «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ», “Иқтисодиёти кишоварзӣ” ва диг. мукаммал созад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳибкорони алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шуданд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи таҳқиқот ба қисматҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ: 1.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ: таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ;. 1.5. Таҳқиқи ҷараёни соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ; 1.7.Ташаккул ва рушди низоми таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ; 1.8.Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 1.19. Ташкили ҳамкориҳои сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 1.23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии моҳияти назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ, исбот намудани зарурати истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии бунёди муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, пешниҳод намудани роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ, таҳияи модели консептулии стратегияи муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ, таҳияи матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди инфрасохторӣ иборат мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, Шӯрои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ АИКТ маърӯза ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти хусусияти методӣ ва амалии кор дар ҷараёни таҳқиқот таҳияшуда дар раванди эҷоди навовариҳое истифода шуданд, ки муҳити молиявии сармоягузориро таҳким медиҳанд.

Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- тавсияҳо барои таҳкими муҳити молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. (Маълумотномаи №4/10 268 аз 6.01.2024).
- навгониҳои илмӣ, ҳамчун дастури методӣ дар Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода мешавад. (Маълумотномаи №67/04 аз 15.04.2024).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 23 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 12 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, чоп шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва адабиёти истифодашуда, дар 175 саҳифаи чопи компютерӣ баён карда шудааст ва аз 54 ҷадвал, 17 расм иборат мебошад.


ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи коркарди мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд.

Дар боби аввал «Ҷанбаҳои назариявии рушди муҳити молиявии соҳибкорӣ» дар асоси таҳқиқи адабиётҳои илмӣ, ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, муаллиф нуқтаи назари худро пешниҳод намуда, чунин мешуморад, ки “Муҳити молиявии соҳибкорӣ «ҳамчун вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ки дар кишвар ташаккул ёфта, ба шаҳрвандони қобилиятнок ба фаъолияти соҳибкорӣ озодии иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, ба қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст, ки дар доираи ин муҳит соҳибкорон амал мекунанд».

Муҳити молиявии соҳибкориро дар намуди расм чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 1).

Аз расм бармеояд, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ аз дороии соҳибкор, яъне аз сармояи он (замин, бино, иншоот, техника, захираҳои молиявӣ), бозорҳои молия (пул, сармоя, қарз), ҳокимияти давлатӣ (дастгирии давлатии соҳибкорӣ), ташкилотҳои молиявӣ (бонкҳо, фонди нафақа, суғурта, фондҳои сармоягузорӣ), қобилияти харидории аҳолӣ вобастагӣ дорад.



Расми 1.1.1. Муҳити молиявии соҳибкорӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси: [175;130;57].

Диссертант қайд намудааст, ки дар адабиётҳои назариявӣ ва луғатҳои иқтисодӣ мафҳуми ягонаи муҳити молиявӣ вуҷуд надорад. Яке онро ба омили дохилӣ ва беруна, дигаре ба макромуҳит ва микромуҳит, сеюмин вазъи иҷтимоию иқтисодии давлат, чорумин шароити зарурии таъмини фаъолияти бемамонияти соҳибкор тақсим намудааст. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон муҳити молиявии соҳибкориро васеътар шарҳ дода, маҷмӯи омилҳои табиию экологӣ, сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию молиявӣ ва диг. дохил намудаанд, ки ҳар кадоме ба рушди соҳибкорӣ таъсир расонида метавонад.

Муаллиф хулоса намудааст, ки муҳити молиявии соҳибкорӣ аз таъсири омилҳои берунаю дохилӣ, макромуҳит ва микромуҳит вобастагӣ дорад ва натиҷаҳои истеҳсолию молиявии он метавонад мусбӣ ва манфӣ бошад. Дар сурати муҳайё намудани шароит барои рушди соҳибкорӣ рушди иқтисоди кишварро таъмин намудан мумкин аст. Танҳо дар ҳамон вақт метавон ба натиҷаҳои мусбии иқтисодӣ дар сатҳи кишвар умед баст, ки барои соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор таъмин карда шавад ва ҳавасмандии соҳибкориро таъмин карда тавонад.

Муҳити молиявии соҳибкориро ҳамчун вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва ҳуқуқие донист, ки ба соҳибкорон имконияти фаъолияти бемамониятро таъмин намуда, озодии фаъолият дар интихоби самти соҳибкорӣ, таъмини дастрасӣ ба захираҳои иқтисодию молиявӣ, ҳамкорӣ бо соҳибкорони дохилию хориҷиро таъмин менамояд.

Ба назари муаллиф, фаъолияти самараноки соҳибкор аз таъмини қисмҳои зерини муҳити молиявӣ вобаста аст:


- муносибат бо дигар субъектҳои берунаи соҳибкорӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ва натиҷаҳои истеҳсолию молиявии он таъсир мерасонанд;

- маҷмӯи имкониятҳое, ки соҳибкор дорад ва онро дар фаъолияти соҳибкорӣ самаранок истифода бурда метавонад;

- истифодаи самараноки дастовардҳои илмӣ, технологияи муосир дар ҷараёни истеҳсолот;

- дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шароити рақобати нокомили бозор ва бархӯрди манфиатҳо ва диг.

Муаллиф муҳити молиявии соҳибкориро ба муҳити молиявии дохилӣ ва муҳити молиявии беруна тақсим намудааст (расми 2).



Расми 2. Муҳити молиявии дохилӣ ва беруна
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси [127].

Дар диссертатсия муҳаққиқ, омилҳои ба ташаккули муҳити молиявии соҳибкоркӣ таъсиррасонро гуруҳбандӣ намуда, таъсири онҳоро шарҳ дода, ба хулосае омадаст, ки ба назар нагирифтани таъсири ин омилҳо метавонад натиҷаи фаъолияти соҳибкориро манфӣ намояд. Муҳити молиявии соҳибкорӣ бештар зери таъсири омилҳое қарор дорад, ки аз фаъолияти соҳибкор вобастагӣ надорад (сиёсӣ, демографӣ, экологӣ ва г.), вале аз соҳибкор талаб менамояд, ки фаъолияти худро ба ин омилҳо мутобиқ намояд.

Муаллиф ба он ақида аст, ки ҳангоми идоракунӣ фаъолияти соҳибкорӣ бояд ба ҳамаи омилҳои дохилӣ ва беруна диққати махсус дод, зеро дар ҳолати ба назар нагирифтани яке аз онҳо метавонад натиҷаҳои фаъолияти соҳибкориро ба сифр

баробар намояд. Онҳоро ба омилҳои таъсири ғайримустақимдошта омили сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ба омилҳои берунаи таъсири мустақимдошта: таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, қонунҳо ва мақомоти давлатӣ тақсим намудааст.

Яке аз омилҳои асосии ба рушди соҳибкории соҳаи кишоварзӣ таъсиррасон ташкили хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) дониста шудааст, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи аҳли оила равона карда шуда сатҳи молнокии маҳсулотҳо нисбатан паст аст.

Метавон таъсири манфии як омилро бо таъсири мусбии омили дигари муҳимтар пурра бартараф кардан ё қисман кам кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия, таҷрибаи бунёди муҳити молиявии соҳибкории як чанд мамлакати ҷаҳон мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Муаллиф иброз намудааст, ки таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди соҳибкорӣ ва муҳайё намудани муҳити молиявӣ дар ҳар як кишвари зери таҳқиқот қароргирифта шаклҳои гуногуни таъмини фазои сармоягузорӣ истифода мешаванд. Дар ҳамаи давлатҳои таҳқиқшуда шаклҳои мухталифи танзими давлатии соҳибкорӣ истифода бурда шудаанд, ки мақсади асосиашон таъмини ҳавасмандии соҳибкорон ба ҳисоб меравад.

Дар асоси таҳлили консепсияҳои назариявӣ мавқеъи худро асоснок намуда, иброз намудааст, ки таҷрибаи ташаккули муҳити соҳибкорӣ, ки дар давлатҳои пешрафта истифода мешавад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамчун асоси методологӣ метавонад татбиқ карда шавад ва механизмҳои мушаххаси татбиқи он бояд хусусиятҳои хоси Тоҷикистон, аз ҷумла иқтисодиёти давраи гузариш, асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии рушди соҳибкорӣ; зарурати такмили механизми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ бо назардошти раванди ташаккули муҳити соҳибкорӣ ба назар гирифта шавад. Дар баробари ин ба низоми кунунии танзими давлатии раванди ташаккули фазои соҳибкорӣ дар кишвар баҳои илмӣ дода, зарурати пурзӯр намудани нақши ҳавасмандгардонии давлатро дар ҳалли ин мушкилот қайд намудааст. Ӯ ҷанбаҳои мусбии танзими давлатии соҳибкориро ба қадри кофӣ баён намуда, ҷанбаҳои манфии онро чун омили боздорандаи рушди соҳибкорӣ донистааст. Дар асоси таҳлили вазъи маблағгузорӣ ва қарздиҳии соҳибкорӣ сабабҳои заифии молиявии субъектҳои хоҷагидориро ошкор намудааст.

Муаллиф таҳқиқи муҳити молиявии соҳибкории мамлакатҳои хориҷиро гузаронида, ҷунин хулосабандӣ намудааст, ки таҷрибаи истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёнаи Ҷопон, ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёнаи Чин, гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз ва хизматрасонии ширкатҳои суғуртаи Фаронса, дастгирии молиявии соҳибкорони навтаъсиси Олмон, суғуртаи тиббии ИМА, таъсиси фонди кафолати рушди тиҷорати хурди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон қобили қабул аст.

Дар боби дуюм “**Баҳои ҳолати кунунии муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** вазъи муосири фаъолияти соҳибкориро дар Тоҷикистон таҳлил намуда қайд намудааст, ки барои рушди соҳибкорӣ асосҳои ҳуқуқи бунёд карда шудааст. Дар баробари ин дар диссертатсия омадааст, ки новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ба чашм мерасад.

Дар соҳаи соҳибкорӣ се шакли фаъолият ба назар мерасад. Якум, соҳибкории тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки дар соли 2023 шумораи онҳо ба 95,2 ҳазор адад расида, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумӣ ба 13,9 фоиз баробар аст (ҷадв.1).

Ҷадвали 1. - Тамоюли шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2023, ҳазор адад

Намуди фаъолият	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2023/ 2017,%**
Бо шаҳодатнома	32,1	33,6	34,6	37,2	36,6	35,7	95,2	296,6
Бо патент	95,9	101,2	105,4	105,4	104,2	99,4	328,4	342,4
ХДФ	164,6	149,7	155,6	161,4	167	172,1	192,4	116,9
Шартҳои махсус	-	-	-	-	-	-	70,1	х
Ҳамагӣ	323,8	315,7	331	339,8	343,3	307,3	686,1	211,9
Ҳиссаи шаҳодатнома дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ	9,9	10,6	10,5	10,9	10,7	11,6	13,9	+4,0
Ҳиссаи низоми патентӣ дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ	29,6	32,1	31,8	31,0	30,4	32,3	47,9	+18,3
Ҳиссаи ХДФ дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ	50,8	47,4	47,0	47,5	48,6	56,1	28,0	-22,8
Ҳиссаи шартҳои махсус						-	10,2	х

Сарчашма: [35, с.229-231]

Аз рақамҳои овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки ҳоло бо дарназардошти ХДФ, тақрибан 90 фоизи субъектҳои соҳибкориро дар кишвар соҳибкорони инфиродӣ ташкил дода, шахсони ҳуқуқӣ, ки пойдевори бахши хусусӣ ба ҳисоб мераванд, ҳамагӣ 10 фоизро ташкил мекунаду халос.

Шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунада дар соли 2023 328,4 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки ба 47,9 фоиз баробар аст. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошанд ба 192,4 ҳаз. адад расида, 28,0 фоизи шумораи умумии соҳибкоронро ташкил медиҳанд.

Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда нисбат ба соли 2017 афзуда бошад ҳам, вале нисбат ба соли 2020 ба миқдори 6,7 фоиз коҳиш ёфтааст. Андозаи миёнаи масоҳати замин ба як хоҷагии деҳқонӣ тамоюли пастравӣ дорад. Барҳамхурии соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта тамоюли пастравӣ дошта бошад ҳам, вале дар давоми 5 сол 6647 ададро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нигаронкунанда аст.

Гарчанде, ки аз 50 то 75,2 дарсади майдони заминҳои зироатҳои кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) қарор дошта бошад ҳам, вале саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ 41 дарсадро ташкил медиҳад, ки аз самаранокии пасти истифодаи замин гувоҳӣ медиҳад. Ҳиссаи соҳибкорони кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ноҷиз боқӣ мемонад.

Бо вуҷуди он, ки ҳамасола шумораи шахсони ҳуқуқии навтаъсис, ҳамчун пойдевори бахши хусусӣ тамоюли зиёдшавӣ дошта бошанд ҳам, вале ин равандро наметавон мусбат арзёбӣ намуд, зеро ҳамасола дар баробари таъсисиёбии шахсони ҳуқуқӣ, тақрибан нисфи онҳо аз фаъолият боз мемонанд. Масалан, дар соли 2023 аз шумораи умумии соҳибкорони навтаъсиси мақоми шахси ҳуқуқидошта бо сабабҳои гуногун 1380 адад ё тақрибан 3,9 дарсадаш фаъолияти худро қатъ намуданд” [145]. Ин рақам дар соли 2017 ба 5.8, соли 2018 ва 2019 ба 4,0 фоиз, соли 2020 – 2,4, соли 2021 – 3,8%, соли 2022-3,4% ва соли 2023 ба 4,6 % баробар буд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. -Тамоюли барҳамхурии соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта дар солҳои 2017-2023

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						
	2017	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ, адад	31200	31200	35400	35800	35500	29329	21490
Шумораи соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидоштаи барҳамхӯрда, адад	1810	1236	1404	850	1347	998	982
Ҳисса, %	5,8	4,0	4,0	2,4	3,8	3,4	4,6

Сарчашма: Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2023. –С.59

Аз маълумотҳои ҷадвал бармеояд, ки дар солҳои зери таҳқиқот қарордошта 152419 субъектҳои соҳибкорӣ барҳам дода шуда, аз онҳо 8627 адад, ё 5,7% соҳибкории мақоми шахси ҳуқуқидошта мебошанд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқ таҳлили вазъи муосири фаъолияти соҳибкориро гузаронида ба чунин хулоса омадааст, ки барои рушди соҳибкории кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё карда шуда, иҷрои онҳо метавонад ба рушди соҳибкории кишовазӣ замина гузорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” принсипҳои умумӣ, шаклҳо ва самтҳои сиёсатро дар сатҳи давлатӣ муайян мекунад ва аз ҷиҳати функсионалӣ мо тамоми низоми тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкориро тасниф мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки новобаста аз мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир, мутаассифона хоҷагиҳои навтаъсиси деҳқонӣ (фермерӣ) аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намебаранд, зеро аз 1 га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ 13,4 маротиба камтар маҳсулот истеҳсол менамоянд. Таҳлил собит намуд, ки новобаста аз мушкилотҳои мавҷуда, шумораи шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда дар кишвар тамоюли афзоиш дошта, ҳиссаи соҳибкории кишоварзӣ баръакс тамоюли пастравиро касб намудааст. Дар шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда шумораи корхонаҳои то 30 нафар коргар дошта 82,3 фоизро ташкил менамояд. Корхонаҳои азими аз 200 нафар зиёд коргардошта танҳо 0,3 фоизро ташкил менамояд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳибкории кишоварзӣ дар шакли корхонаҳои хурд фаъолият менамоянд.

Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда нисбат ба соли 2017 афзудааст. Андозаи миёнаи масоҳати замин ба як хоҷагии деҳқонӣ тамоюли пастравӣ дорад. Барҳамхурии соҳибкорони мақоми шахси ҳуқуқидошта тамоюли пастравӣ дошта бошад ҳам, вале дар давоми 6 сол 8027 ададро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи нигаронкунанда аст.

Ҳиссаи соҳибкорони кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ночиз боқӣ мемонад, зеро онҳо 2580,2 ҳаз. га, ё 70,0 фоизи заминҳои таъйиноти кишоварзиро банд карда, танҳо 25906,3 млн. сомонӣ, ё 41,1 фоизи маҳсулоти умумии кишоварзиро истеҳсол менамоянд.

Муаллиф бар он нуқтаи назар аст, ки дар Тоҷикистон вазъи муҳити молиявии рушди соҳибкориро бахши иқтисодиёт баҳо дода метавонад, вале бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст, зеро таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД дар Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаҳои молиявии мамлакатҳои ҷаҳон ночиз буда, танҳо 0,26 фоизро ташкил медиҳад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.- Сатҳи рушди бозори молияи Тоҷикистон

Нишондиҳанда	Таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД
Дар ҷаҳон	4:1
Тоҷикистон	0,26:1

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯи захираҳои интернетӣ

Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали 3. бар меояд, таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД дар Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаҳои молиявии мамлакатҳои ҷаҳон ночиз буда, танҳо 0,26 фоизро ташкил медиҳад.

Зариби сатҳи монетизатсия (аз рӯи нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул нисбат ба ММД) дар соли 2015 агар ба 0, 22 боробар бошад, пас он дар соли 2023 то 30,0 афзудааст.

Аз рақамҳои ҷадвали 4 бармеояд, ки миқдори пули дар муомилот буда дар соли 2023-юм нисбат ба соли 2005-ум 74,2 маротиба афзуда, коэффисиенти монетизатсия бошад 4,3 маротиба афзудааст.

Ҷадвали 4. -Сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои 2005-2023, %

Солҳо	**ММД номиналӣ, (млрд. сомонӣ)**	**Миқдори пул дар муомилот М4 (млрд. сомонӣ)**	**Коэффисиенти монетизатсия аз рӯи М4**
2005	7 201,1	533	0,07
2010	24 704,7	4 458	0,18
2015	48 401.6	10 790	0,22
2022	118181,7	39884,0	0,34
2023	130791,5	39 548,6	0.30

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф аз рӯи [36,с.16-28]

Муаллиф қайд намудааст, ки дар рушди соҳибкорӣ нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар ҳолати муътадил масъалаи муҳими иқтисодӣ дониста мешавад. Хушбахтона солҳои охир сатҳи таваррум дар кишвар коҳиш ёфта, дар соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 43,3% кам аст (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. -Тағйирёбии сатҳи таваррум ва саҳми сохтории он дар солҳои 2017-2023, фоиз

Нишондиҳанда	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2017,%
Хӯрокворӣ	4,2	2,8	6,0	7,0	3,9	5,2	3,4	81,0
Ғайрихӯрокворӣ	1,3	2,0	1,3	1,8	2,3	4,0	6,6	507,7
Хизматрасонӣ	1,1	0,7	0,8	0,6	1,8	1,9	1,2	109,0
Таваррумии солона	6,7	5,4	8,1	9,4	8,0	4,2	3,8	56,7

Сарчашма: Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2024. –С.9

Дар ин давра дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ (ТҚ) дар интиҳои соли 2023 – 31,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 - 10,8 млрд афзудааст (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6. -Динамикаи сохтори дороиҳо, млрд, сомонӣ

Номгӯй	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023 /2017,%
Воситаҳои асосӣ	4,2	4,2	4,1	4,6	1,8	1,9	1,9	45,2
Пули нақд ва суратҳисобҳои муросилотӣ	4,6	4,8	4,1	5,6	7,5	11,5	30,1	654,3
Сармоягузорӣ	2,6	3,4	3,3	3,4	1,2	1,0	0,3	11,5
Дигар	2,8	2,0	2,7	3,7	1,4	3,7	4,7	167,9
Сандуқи қарзӣ	6,8	6,6	7,8	9,0	10,5	11,9	14,0	205,9
Дороиҳо ҳамагӣ	20,9	21,2	22,0	26,3	22,4	30,0	31,7	151,7

Сарчашма:Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои мухталиф. 2023. –С.25

Дар ин давра воситаҳои асосии бонкҳо 60,47%, сармоягузорӣ 88,5% коҳиш ёфта бошад ҳам, вале пули нақд ва суратҳисобҳои муросилотӣ 6,5 маротиба, сандуқи қарзӣ 2,1 маротиба афзудааст.

Ӯҳдадориҳои ТҚ дар соли 2023 – 26,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2017-ум 71,7 фоиз афзудааст (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7. -Динамикаи сохтори ӯҳдадориҳо, млрд сомонӣ

Номгӯй	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2017,%
Амонатҳо	9,3	9,7	9,7	11,4	10,2	15,5	17,9	192,5
Коғазҳои қимматнок	1,0	0,7	0,7	1,3	1,7	1,5	3,6	360,0
Байнибонкӣ	3,4	3,2	3,1	3,7	3,1	3,5	1,6	47,1
Дигар	1,6	1,7	2,2	2,7	2,2	3,2	3,6	225,0
Ҳамагӣ	15,2	15,3	15,7	19,1	17,2	23,7	26,7	175,5

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон. 2023. –С.27-28

Дар ин давра амонатҳо, ӯҳдадориҳои байнибонкӣ нисбат ба соли 2017-ум 52,9% коҳиш ёфтааст.

Дигар нишондиҳандаи муҳими муҳити молиявии рушди иқтисодиёт сандуқи қарзии ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба ҳисоб меравад, ки дар кишвар тамоюли афзоиш дорад. Агар бақияи сандуқи қарзӣ дар соли 2017-ум ба 8,5 млрд сомонӣ баробар бошад, пас он дар соли 2023 ба 17,5 млрд сомонӣ расид, ки 2,1 маротиба зиёд аст.

“Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 9,8 млрд. сомонӣ ё худ 71,5 фоизро ташкил дода, афзоиши солонаи он 11,9 фоизро ташкил дод. Бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда бошад 3,9 млрд. сомонӣ ё худ 28,5 фоизро ташкил дода, -36,1 фоиз коҳиш ёфт (ҷадвали 8)” [174].

Ҷадвали 8. -Динамикаи сохтори сандуқи қарзӣ аз рӯи асъор, млрд. сомонӣ

Номгӯй	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2023/ 2017,%
Бо пули миллӣ	3,4	3,8	4,9	6,3	8,0	9,8	12,1	355,9
Бо асъори хориҷӣ	5,1	4,8	4,8	4,6	4,0	3,9	5,4	105,9
Бақияи сандуқи қарзӣ	8,5	8,6	9,7	10,9	12,0	13,7	17,5	205,9

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ.Бонки миллии Тоҷикистон. 2023. –С.63

Дар баробари ин, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, ҳамчун омили мусбӣ онҳо дар сандуқи қарзӣ 0,6 банди фоизӣ кам гардидааст (ҷадвали 9).

Дар солҳои зери таҳқиқот қароргирифта дар низоми бонкии кишвар тағйиротҳои куллӣ ба амал омад. Чор бонки низомсоз бинобар ба мушкилотҳо рӯ ба рӯ шудан барҳам дода шуда, моликияти онҳо байни мизоҷон вобаста ба ҳиссашон тақсим карда шуд.

Ҷадвали 9.- Динамикаи сохтори қарзҳои батаъхирафтода, млрд. сомонӣ ва бо фоиз

Гуруҳбандии қарзҳо	2021	2023	Тағийрот, (+, -)
Ҳамагӣ (маҷмӯӣ), аз ҷумла	**11970,4**	**17474,0**	**5503,6**
Қарзҳои фаъол	10363,6	14137,3	3773,7
Қарзҳои ғайрифаъол	1606,8	739,5	-867,3
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол	13,4%	4,20%	-9,2
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол(холис)	1,1%	-0,6%	-0,5

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. Бонки миллии Тоҷикистон. 2023. –С.68

Мутаассифона дороиҳои банкҳои барҳамдодашуда натавонист уҳдадориҳои онҳоро ҷуброн намояд ва аз ин ҷо боварии мардум ба низоми бонкӣ коҳиш ёфт. Вале ба ин нигоҳ накарда ҳаҷми амонатҳо дар соли 2023 ба 19,5 млрд. сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2017-ум 2,1 маротиба зиёд аст.

Дар диссертатсия ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар мисоли ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиён таҳқиқ шудааст.

Дар соҳаи фаъолияти молиявии хоҷагиҳои таҳқиқшуда бояд ду нуқтаро дар назар дошт: имкониятҳои молиявӣ ва дараҷаи хавфи фаъолият. Якум, ба вазъи молиявии соҳибкорӣ нишондиҳандаҳои фурӯши молҳои истеҳсолшаванда, яъне зариби молнокӣ, нархи бозор, арзиши аслии маҳсулот, бори андоз вобаста мебошад. Хавф бо машғул шудан ба фаъолиятҳое алоқаманд аст, ки метавонад ба харобии хоҷагӣ ё ба берун рафтани ғайричашмдошти он оварда расонад. Яке аз хавфҳое, ки ба фаъолияти молиявии хоҷагиҳои мазкур таъсир мерасонад, доимо паст шудани нархи хариди пахта, бемайлон афзун шудани нархи сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили ҳолати молиявии хоҷагиҳо дар ҷадвали 10 оварда шудааст.

Ҷадвали 10. - Нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар соли 2023.

Нишондиҳан-даҳо	Истеҳсол, т	Фурӯш, т	% мол-нокӣ	Харочот ба 1 сен/-сомонӣ	Нархи фурӯш, сен./сомонӣ	Фоида(+), зарар (-)	Дараҷаи даромад-нокӣ, %
ҶДММ “Латиф Муродов”							
Ғалла	1050,3	645,9	61,5	167,2	365,7	198,5	118,7
Пахта	794,8	794,8	100,0	617,3	898,2	280,9	45,5
Картошка	713,0	472,2	66,2	333,0	340,4	7,4	22,4
Сабзавот	1858,5	1092,3	58,8	110,4	138,6	28,2	271,2
Мева	120,8	59,2	49,0	316,4	348,4	32,0	195,1
Ангур	52,0	23,2	44,6	249,6	322,0	72,4	2,0
Гӯшт	96,0	92,0	95,8	4952,3	4387,7	-564,6	-11,4
Шир	1614,9	1404,7	87,0	351.4	314,8	-36,6	-11,6
Пилла	1,0	1,0	100,0	2110,7	960,4	-1150,3	-119,8
Кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”							
Ғалла	451,5	273,4	60,5	102,8	143,7	40,9	39,8
Пахта	126,6	126,6	100,0	567,5	673,1	105,6	18,6
Картошка	211,0	105,5	50,0	35,9	44,5	8,6	24,0
Сабзавот	250,8	125,7	50,1	40,1	34,2	-5,9	-
Шир	115,8	89,1	76,9	367,9	478,1	110,2	30,0
Пилла	1,5	1,5	100,0	2918,0	1223,5	-1694,5	-
Хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”							
Ғалла	3,0	1,0	33,3	180,0	300,0	120,0	66,7
Пахта	6,0	6,0	100,0	900,0	600,0	-300,0	-
Сабзавот	50,0	45,0	90,0	120,0	220,0	100,0	83,3

Сарчашма: Хисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”-и ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон дар соли 2021.

Аз рақамҳои ҷадвали 10 бармеояд, ки дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан”-и шаҳри Ҳисор дараҷаи молнокии маҳсулотҳои асосии истеҳсолшаванда ба ғайр аз пахта ва пилла паст ба ҳисоб меравад.

Зеро, дар ҶДММ “Латиф Муродов”, сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 61,5%, картошка-60,5%, сабзавот-58,8%, мева-49,0%, ангур-44,6%. Нишондиҳандаи фурӯши гӯшт ва шир мутаносибан ба 95,8 ва 87,0% баробар аст.

Дар кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 61,5%, картошка-50,0%, сабзавот-50,1% ва шир 76,9% баробар аст.

Сатҳи пасти фоизи фурӯши маҳсулотҳои истеҳсолшуда гувоҳи он аст,ки қисми асосии он дар бозор рақобатпазир набуда, бештар дар сатҳи хонаводаҳо истеъмол мешавад, зеро хоҷагиҳо истеҳсоли картошка, сабзавот, мева ва ангурро бо роҳи иҷораи дохилихоҷагӣ истеҳсол менамоянд.

Дар хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” сатҳи фоизи фурӯши ғалла ба 33,3%, сабзавот-90,0% ва пахта ба 100% баробар аст.

Дар шароити муосир баҳои ҳолати микромуҳити соҳибкориро натиҷаҳои молиявии соҳибкор нишон медиҳад.

Таҳлили натиҷаҳои молиявии хоҷагиҳоро дар асоси таҳлили уфуқӣ ва амудӣ муайян намудан мумкин аст.

Маълумот барои арзёбии динамикаи нишондиҳандаҳои даромад, харочотҳо ва фоида (ҷадвали 11) нишон дод, ки дар маҷмӯъ ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” самаранок фаъолият менамоянд.

Ҷадвали 11. -Дараҷаи даромаднокии фаъолияти ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”дар соли 2023,ҳаз. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	ҶДММ “Латиф Муродов”	КТ “Баракати Ватан”	ХДФ “Файзулло Саидов”
Даромад аз фурӯши маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ	20169,1	1925,4	138,0
Хароҷот барои истеҳсоли маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ	19464,5	1902,3	55,8
Фоида аз фурӯши маҳсулотҳо, ҳаз. сомонӣ	704,6	23,1	82,2
Дараҷаи даромаднокӣ, %	3,6	1,2	147,3

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов”, КТ “Баракати Ватан”, ХДФ “Файзулло Саидов”.

Дар соли 2023 даромад аз фурӯши махсулот дар ҶДММ “Латиф Муродов” 20169,1 сомониро ташкил дода, хароҷот бошад ба 19464,5 ҳаз. сомонӣ баробар буд. Хоҷагӣ солро бо 704,6 ҳаз. сомонӣ фоида ҷамъбаст намуд. Фоидаи кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” 23,1 ҳаз сомониро ташкил дод. Дараҷаи даромаднокии ду хоҷагӣ мутаносибан ба 3,6 ва 1,2 фоиз баробар буд, ки ин нишондиҳандаи паст ба ҳисоб меравад. ХДФ “Файзулло Саидов” бошад аз ҳисоби фоидаи баланди истеҳсоли пиёз ва ғалла 82,2 ҳазор сомонӣ фоида гирифт ва дараҷаи даромаднокии он ба 147,3 фоиз барбар шуд.

Вазъи молиявии ҶДММ “Латиф Муродов” ва КТ “Баракати Ватан” хуб нест, зеро дар охири соли 2023 қарзҳои кредиторӣ мутаносибан 8501,1 ва 2026,7 ҳаз. сомониро ташкил додааст. Қарзҳои дебиторӣ низ мутаносибан 3945,4 ва 175,4 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки аз паст будани қобилияти пардохпазирии харидорон гувоҳӣ медиҳад. Аз қарзҳои дебитории КТ “Баракати Ватан” 63,9 ҳаз. сомониаш муҳлаташ аз 36 моҳ гузаштааст, ки қарзҳои бебозгашт дониста мешавад (ҷадвали 12).

Ҷадвали 12. - Бақияи воситаҳои қарзӣ дар ҶДММ “Латиф Муродов”, кооперативи тиҷоратии “Баракати Ватан” ва хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов”дар соли 2023, ҳаз. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	ҶДММ “Латиф Муродов”	КТ “Баракати Ватан”	ХДФ “Файзулло Саидов”
Карзҳои дебиторӣ, ҳаз. сомонӣ	3945,3	175,4	Х
Аз ҷумла муҳлаташ гузашта	Х	63,9	Х
Аз он аз 36 моҳ зиёд	Х	63,9	Х
Карзҳои кредиторӣ, ҳаз. сомонӣ	8501,1	2026,7	Х

Сарчашма: Ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳо дар соли 2021.

Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» бо истифода аз методологияи STEP таҳлил омилҳои ба муҳити молиявӣ таъсиррасонро ба чор гуруҳ тақсим намуда, дурнамои муҳити молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи макроиқтисодӣ барои то солҳои 2030 муайян карда шудааст.

Омилҳои ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонандаро дар сатҳи макроиқтисодӣ ба омилҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ намудем.

Дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ самтҳои таҳкими ин омилҳоро пешниҳод намудем, ки чунинанд:

- дар самти омилҳои сиёсӣ. Новобаста аз он ки суботи сиёсии дохили кишвар таъмин аст, вале хавф вобаста ба вазъи сиёсии Афгонистон чой дорад. Барои пешгирии онҳо монеаҳои наверо, ки дар роҳи ваҳдат душворӣ меоранд, новобаста аз он ки ин монеаҳо ба одатҳо, дилбастагӣ, манфиатҳои махсус, таассуф, дин, ҷомеаи синну сол ва дигар омилҳо асос ёфтаанд, барҳам диҳем. Аз ҳама шаклҳои муколама истифода бурда, таҳкими робита ва муносибатҳои мутақобилаи байни одамонро бояд афзун намуд;
- дар самти омилҳои иқтисодӣ. Такмили муҳити молиявӣ, пеш аз ҳама, бояд ба рушди иқтисодёти солим нигаронида шуда, ҷалби сармояи назарраси хориҷиро таъмин намояд. Он ба иҷрои 10 принсипи асосӣ такя менамояд, ки муносибати давлат ба соҳибкориро муайян мекунад. Маҳаки асосӣ дар он аст, ки давлат дар иқтисодиёт бояд заминаи ҳуқуқии бозорро ба вуҷуд оварад.

Стратегияи халли масъалаҳои макроиқтисодӣ ба эътидол овардани касри буҷети давлатӣ, таҳким додани сиёсати пулию қарзӣ, дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум, кам кардани миқдори пули нақд дар муомилот, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, танзими низоми андоз, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва диг.

Зарурати таҳияи стратегияи гузаштан аз саноати меҳнатталаб ба технологияи доништалаб расидааст. Тадриҷан кам намудани ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ, саноати истихроҷ дар сохтори ММД ба афзоиши ҳиссаи саноати коркард ва пеш аз ҳама илмталаб;

- дар самти омилҳои демографӣ ба муҳити молиявии соҳибкорӣ афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат таъсири бевосита мерасонад, зеро он захираи хеле арзони суръатбахши рушди соҳибкорӣ мебошад. Яке аз омилҳои ташкили корхонаҳои муштарак байни Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо маҳз қувваи кории арзон ба ҳисоб меравад. Истифодаи нерӯи кориро дар соҳаи кишоварзӣ, ки сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дорад, истифода бурдан хато аст. Дур шудан аз бартарияти ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ бояд қисми муҳими ислоҳот дар соҳаи шуғл ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат гардад. Самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон пешниҳод гардиданд;
- дар самти омилҳои илмӣ-техникӣ дараҷаи тараққиёти илм ва такмили техника, суръати тағирёбии технология, сатҳи сармоягузорӣ ба инноватсия, иштироки давлат дар тадқиқотҳои илмию технологиро дар бар мегирад. Бунёди иқтидори инноватсионӣ, корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашии худмаблағгузор, ки бо истеҳсолот алоқаи зич доранд ва бояд давом дода шаванд. Самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон дар намуди ҷадвал оварда шудаанд;
- дар самти такмили омилҳои иҷтимоӣ афзудани дараҷаи шуғли аҳолӣ, дараҷаи тахассуси кадрҳо, тайёр кардан ва бозомузии онҳо, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назар дошта шудааст;
- дар самти такмили омилҳои экологӣ тадбирҳо оид беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, бо иншоотҳои тозакунӣ мусаллаҳ намудани корхонаҳои саноатӣ, харобшавии заминҳо, системаи тадбирҳо пешниҳод гардидаанд.

Тибқи ҳисобҳо холҳои миёна ба (84,3+63,5+95,5+119,2)=362,5:4=90,6 баробар мешавад. Ин маънои онро дорад, ки муҳити молиявии соҳибкории Тоҷикистон аз 100 холи имконпазир ба 90,6 хол баробар аст (ҷадвали 13).

Ҷадвали 13. STEP–таҳлили баҳои таъмини муҳити молиявӣ дар Тоҷикистон

ОМИЛҲОИ СИЁСӢ	**Хол**	**ОМИЛҲОИ ТАШКИЛӢ**	**Хол**
1.суботи сиёсии дохили кишвар	10	Шаҳодатнома	3,8
2.Гирдиҳамоиҳо	10	Патент	11,4
3.Корпартоиҳо	10	шахси ҳуқуқӣ	4,1
4.Муносибат бо мамлакатҳои ҳамсоя	7,5	хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	17,0
5.Вазъи сиёсии мамлакатҳои ҳамсоя	8,3	пешбурди бизнес, ҷой	7,0
6.Мавҷудияти амалиёти ҷангӣ	5	дастрасии иқтисодӣ ба маҳсулоти хӯрока, %	4,6
7.Вазъи демократия	7,5	таъсиси ҷойҳои кори доимӣ, ҷой	8,7
8.Мораторияи тафтиши фаъолияти соҳибкорӣ	10	ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД, %	1,7
9.Дастгирии давлатии соҳибкорӣ	10	ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД, %	2,1
10.Сатҳи дастгирии дастовардҳои илмӣ-техникӣ	6	ҳиссаи хизматрасонӣ дар ММД, %	3,3
ҳамаи холҳо	84,3	ҳамаи холҳо	63,7
ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДӢ	**Хол**	**ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ДЕМОГРАФӢ**	**Хол**
1.Гардиши савдои хориҷӣ, млн. Доллар	9,2	сатҳи шуғли аҳолӣ, млн нафар	105,1
2.Қарзгузории иқтисодиёт, млрд. Сомонӣ	53,9	шуғли ғайирасмӣ, ҳаз. нафар	2,0
3.Фоизи қарз, %	0,02	табақаи миёнаи аҳолӣ, ҳаз. нафар	1,4
4.Миқдори пул дар муомилот, млрд сомонӣ	11,6	сатҳи камбизоатӣ, ҳаз. нафар	0,9
5.Ҷалби сармоягузории дохилӣ, млрд. Сомонӣ	20,3	сатҳи бекорӣ,%	1,1
6.Ҷалби сармоягузории хориҷӣ, млн. Сомонӣ	0,8	музди миёнаи меҳнат, сомонӣ	1,3
7.Сатҳи таваррум, %	0,01	сатҳи нафақа, сомонӣ	1,2
8.Андозбандии иқтисодиёт, млрд сомонӣ	0,03	ҳадди аққали музди меҳнат, сомонӣ	3,4
9.Тағйирёбии қурби асъор, сомонӣ/долл. ИМА	0,01	даромади моҳонаи аҳолӣ, сомонӣ	1,4
10.Сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи хӯрокаворӣ, %	0,07	таъминот ба манзил, м^2	1,4
Ҳисоби миёна	95,9[1]	ҳисоби миёна	119,2[1]

Муаллиф, дар доираи тадқиқоти диссертатсионии худ матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкориро таҳия намудааст (ҷадвали 14).

Ҷадвали 14. - Матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030

Мушкилоти асосӣ дар соҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва шароити сармоягузорӣ аз инҳо иборат аст:[1]	**Ба афзалиятҳо ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ инҳо дохил мешаванд:**
➢ маҳдудияти бозорҳои молиявӣ, ҳамгироии агросаноатӣ, роҳ наёфтан ба бозорҳои молиявии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ; ➢ сатҳи пасти инфрасохтори истеҳсолӣ, молиявӣ, афзоиши нархи захираҳо; ➢ рушд наёфтани ҷалби маблағҳои хоҷагиҳо, шахсони воқеӣ ва физикӣ ва дигар сарчашмаҳо); ➢ рушди нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ; ➢ номукаммал будани низоми андозбандӣ, пешгирии хавфҳои соҳибкорӣ, ноустувории асъори миллӣ; ➢ нокифоя будани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ; ➢ зиёд будани монеаҳо барои воридот ва содирот; ➢ ба назар нагирифтани бо афзалиятҳои соҳа дар тақсимоти захираҳо ва ғ.	➢ таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ба коркарди саноатӣ ҷалб намудани ашёихоми ватанӣ бо истифода аз технологияи муосир; ➢ пешгирӣ намудани монеаҳои маъмурӣ, гумрукӣ, андозӣ ; ➢ такмили низоми иттилоотии соҳибкорӣ тавассути воситаҳои ахбори умум; ➢ таъмини амнияти фаъолияти соҳибкорон , дастгирии рақобати комил, ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон; ➢ такмил додани механизмҳои ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ; ➢ таҳкими ҳамкорӣ бо шарикони рушд; ➢ баланд бардоштани ҳавасмандии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои ба содирот нигаронидашуда.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯи [32].

Дар матритса дар қатори мушкилотҳои мавҷуда афзалиятҳо ва роҳҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ нишон дода шудаанд.

Ба назари муаллиф, таҳия ва тадбиқи таҷрибаи истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат амалӣ карда мешавад, барои рушди кишоварзӣ низ бояд такмил ёбад, зеро лоиҳаи коркарди саноатии маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ метавонад рақобатнокии истеҳсолотро баланд намуда, аз як тараф бозори маҳсулотҳои кишоварзиро афзун намуда, аз тарафи дигар зариби истифодаи иқтидорҳои саноатиро баланд бардошта, вазъи содиротии кишварро беҳтар намояд. Тибқи маълумотҳои оморӣ ҳоло дар соҳаи саноати кишвар сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ба 52 фоиз баробар аст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 дар ҷумҳурӣ шумораи корхонаҳои саноатии фаъолиятнакарда 489 ададро ташкил дод, ки аз онҳо 293 корхонаҳои мавсимӣ мебошанд.

Дар матритсаи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузориро ба ду гурӯҳ тақсим намудем. Ба гурӯҳи якум механизмҳои иҷро вобаста ба чорабиниҳои маъмурӣ-қонунгузорӣ ва ба гурӯҳи дуюм чораҳои ташкилӣ – иқтисодиро шомил намудем.

Чорабиниҳои маъмурӣ-қонунгузорӣ такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии сармоягузорӣ, рушди соҳибкории ба талаботи бозор нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ва ба содирот нигарнидашуда, истифодаи самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ, такмили механизми андозбандии соҳибкорӣ, сиёсати ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ки ба иҷрои барномаи саноатикунонии кишвар, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ доир ба дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ, такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъмини рушди

соҳибкорӣ барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва диг. дар бар мегирад (ҷадвали 15).

Ҷадвали 15. - Матритсаи самтҳои асосии такмили фазои соҳибкорӣ

Маъмурӣ- қонунгузорӣ	Ташкилӣ-иқтисодӣ
-такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии сармоягузорӣ, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад; -таҳияи барномаҳои рушди соҳибкории ба талаботи бозор нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ва ба содирот нигарнидашуда бошад; -такмилдиҳии истифодаи самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ бо назардошти истифодаи захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва моддию молиявӣ; -такмили механизми андозбандии соҳибкорӣ, ки тавонад ҳавасмандии соҳибкоронро баланд бардошта, сарбории андозро коҳиш диҳад; - таҳияи сиёсати ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ки ба иҷрои барномаи саноатикунонии кишвар ва гузаштан ба сохтори саноатию аграрӣ; - таъсиси ниҳоди махсус “Омбудсмен” барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон;	-таъмини иҷрои консепсияи кластерикунонии соҳавӣ, минтақавӣ, ташкили инфрасохторҳои дастгирии соҳибкорӣ; -такмили назорати истифодаи маблағҳои “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”, бо назардошти дастгирии соҳибкории занон; -рушди соҳибкории истеҳсоли дар деҳот бо назардошти истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ; - баланд бардоштани хавасмандии соҳибкорон ва таъмини иштироки онҳо дар бозори коғазҳои қиматнок; - соҳибкороне, ки андоз аз арзиши иловашударо, ки барои хариди техника ва ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ истифода мебаранд аз пардохти ин намуди андоз озод карда шаванд;
-ҷорӣ кардани татбиқи пайиҳамии сиёсати кам кардани сарбории маъмурии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули низоми дастгирии маъмурии лоиҳаҳои миёна ва калони сармоягузории бахши хусусӣ аз рӯи принсипи “Равзанаи ягона”;	-ташкил кардани ҳавасмандгардонӣ барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷониби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
-таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ доир ба дастгирии давлатии соҳибкории экологӣ; -таҳия ва тадбиқи механизмҳои такмилдиҳии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки тавонад рушди соҳибкориро таъмин намояд	-ташкил намудани хазинаи рушди (омода ва дастгирӣ намудани) лоиҳаҳои ШДБХ, аз ҷумла аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки ба қонунгузорӣ мухолифат намекунад; -барои соҳибкорони истеҳсолие, ки маҳсулоташон ба хориҷа содир карда мешаванд аз боҷҳои гумрукӣ озод карда шуда, тарифҳои пардохти истифодаи барқ дар ҳаҷми пардохтҳои хоҷагиҳои аҳолӣ нигоҳ дошта шавад;
-таҳъмини рушди соҳибкорӣ барои гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ва диг.	-аз тамоми намуди андозҳо ва пардохтҳои давлатӣ озод намудани соҳибкорони ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо назардошти [32].

Ба гурӯҳи чораҳои ташкилӣ-иқтисодӣ,пеш аз ҳама, таъмини иҷрои консепсияи кластерикунонии иқтисодиёт, такмили назорати истифодаи маблағҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар деҳот, таъмини иштироки соҳибкорон дар бозори коғазҳои қимматнок, ҳавасмандии истифодаи инноватсия дар истеҳсолот тавассути имтиёзҳои андозӣ, дастгирии таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои

шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳавасмандии соҳибкории ба содирот нигаронидашуда ва соҳибкорони ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.

Аз иҷрои низоми чорабиниҳои дар матритсаи самтҳои асосии фаъолият дар рушди фазои соҳибкорӣ овардашуда натиҷаҳои зерин дар назар дошта шудааст (ҷадвали 16).

Ҷадвали 16.- Натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ

Натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ	
Дар баҳши таҳияи асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ	**Дар бахши ташкили истеҳсолот ва молия**
➢ монеаҳои маъмурӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна кам карда шуданд ва низоми мусоидаткунандаи рушди он таъмин мегардад; ➢ ниҳоди Омбудсмен оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон таъсис дода мешавад; ➢ дар Тоҷикистон низоми идоракунии бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ ХАССП (Hazard Analysis and Critical Control Points – таҳлили хавфҳо ва нуқтаҳои муҳими назорат) ҷорӣ мегардад, ки назоратро дар тамоми марҳилаҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳар як нуқтаи ҷараёни истеҳсолот, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот, ки дар ҷараёни он ҳолатҳои хатарнок метавонанд ба миён оянд, таъмин менамояд; ➢ низоми баҳисобгирии мушкилиҳои экологӣ ҳангоми ташаккул додани фазои соҳибкорӣ ва беҳсозии иқлими сармоягузорӣ такмил дода мешавад; ➢ самаранокии ҳамкории сохторҳои тиҷоратӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи дастгирии маъмурӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ баланд бардошта мешавад; ➢ барномаи маҷмӯии рушди ШДБХ таҳия карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”аз нав таҳия ва қабул мегардад; ➢ рушди институтсионалии чунин сохторҳо ба монанди МД “Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ” ва ташкилотҳои фармоишгар (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ) таъмин мегарданд; ➢ феҳристи лоиҳаҳои ШДБХ ташкил карда мешавад; ➢ нишондиҳандаҳо ва методологияи арзёбии лоиҳаҳои ШДБХ таҳия мегарданд	➢ ташкил кардани муҳити устувор ва самарабахши рақобатнок барои ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, рушди соҳибкории ба содироти маҳсулоти ватанӣ мусоидкунанда ташкил карда шуд; ➢ бозори молиявӣ, бозори такрории коғазҳои қимматнок инкишоф ёфта, бозорҳои суғурта либерализатсия ва диверсификатсия мешаванд; ➢ бозори мустақили қарзии Тоҷикистон таъсис дода мешавад; ➢ низоми самарабахши танзими давлатии иқтисодиёт ва либерализатсияи бахшҳои иқтисодиёт ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо амалӣ мегардад; ➢ Тоҷикистон, тавассути фаъолсозии аъзогӣ дар СУС, ба тасвиб расидани конвенсияҳои Ню-Йорк ва Апостил, пешбурди лоиҳаҳои минтақавӣ, ба монанди CASA-1000, сохтмони лӯлаи газ ва шабакаи роҳҳои минтақавии роҳи оҳан ва автомобилгард ба иқтисоди ҷаҳонӣ шомил гардид. ➢ низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорӣ бо назардошти иқтидорҳои занон дар заминаи кластерҳои ҳудудию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ ташаккул меёбад; ➢ низоми ҳавасмандгардонӣ, дастгирии давлатӣ ва кафолат ҷиҳати ҷалби захираҳои бахши хусусӣ дар амалисозии лоиҳаҳои ШДБХ таъсис меёбад; ➢ механизмҳои маблағгузории муштараки лоиҳаҳои ШДБХ аз ҷониби давлат ташкил мегарданд; ➢ хароҷоти маъмурию амалиётӣ ва хавфҳои ШДБХ, аз ҷумла оид ба оғоз намудан, омодасозӣ ва татбиқ намудани лоиҳаҳои ШДБХ коҳиш меёбанд;

Идомаи ҷадвали 16.	
	➢ мутахассисон дар соҳаи ШДБХ, ки қобилияти омодакунӣ ва дастгирии лоиҳаҳои эҳтимолиро доранд, тайёр карда мешаванд; ➢ хазинаи рушд лоиҳаҳои ШДБХ таъсис дода мешавад (омодасозӣ ва дастгирии лоиҳаҳо); ➢ хароҷотҳои субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои андозии худ кам мегарданд.

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Мушкилӣ дар фаъолияти асосии бахши молиявӣ дар он аст, ки ин бахш ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст. Ҳанӯз механизмҳои табдилдиҳии пасандозҳои субъекҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ, ташкилотҳои молиявию суғуртавӣ, қарзҳои бонкӣ, ташкилотҳои молиявии хурд ба фондҳои сармоягузорӣ таҳия ва пешниҳод нагардидаанд. Имкониятҳои лизинги молиявӣ пурра истифода намешаванд. Сатҳи баланди арзиши қарзҳои бонкӣ имконият намедиҳанд, ки соҳибкорон аз техника ва технологияи муосир истифода бурда самаранокии фаъолияти худро баланд бардоранд. Хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ асосан бо меҳнати дастӣ корҳои саҳроиро ба анҷом мерасонанд, зеро хизматрасонии техникӣ талаботро қонеъ карда наметавонад ва қиммат аст.

Инфрасохтори бахши молиявӣ такмил наёфтааст ва дар онҳо асосан хизматрасонии бонкҳо ба назар мерасад, бозори коғазҳои қимматнок ташаккул наёфтааст, Ҳолати молиявии бахши воқеии иқтисодиёт дар ҳолати бад қарор дорад, зеро ҷамъи қарздории онҳо аз рӯи уҳдадориҳо ба 171,3 млрд сомонӣ баробар аст. Аз ҷумла, уҳдадориҳои соҳаи саноат 131,0 млрд сомонӣ (76,5%), кишоварзӣ – 3,1 млрд. сомонӣ (1,8%), сохтмон-10,4 млрд сомонӣ (6,1%), нақлиёт ва алоқа – 7,3 млд сомонӣ (4,3%)-ро ташкил медиҳад [41].

Новобаста аз он, ки дар муомилот истифодаи арзи хориҷӣ маҳдуд карда шудааст, вале ҳанӯз қисми зиёди муносибатҳои пулӣ бо доллари ИМА амалӣ мегардад. Агар гузаштан ба иқтисоди рақамӣ истифодаи маблағҳои нақдиро коҳиш дода бошад ҳам, вале ҳанӯз истифодаи пули нақд бештар аст. Дастрасии маҳдуд ба арзи хориҷӣ қиммати онро дар бозор баланд бардошта, хариду фурӯши он дар бозор давом дорад. Хусусан дар гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ он бештар равнақ ёфтааст.

Барои ташаккули бахши муосири молиявӣ ҳамчун низоми муассисаҳои молиявии рақобатпазир, зарур аст, ки чораҳои зерин дида шавад (ҷадвали 18).

Барои рушди иқтидори муассисаҳои молиявӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо зарур аст, ки низоми идоракунии захираҳои молиявӣ, пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ, хусусан коҳиш додани қарзҳои беэътимод ва ба таъхирафтода такмил дода шавад. Маҳз ин омилҳо метавонанд ба сатҳи таваррум таъсири бевосита расонанд.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” «дар самти дастрасӣ ва диверсификатсияи воситаҳои маблағгузории дарозмӯҳлати БВИ ташакккул додани бозори қарзии байни бонкӣ, ташаккул додани низоми сезинагии қарздиҳӣ, фаъолияти бозори аввалия ва такрории коғазҳои қимматнок ҳамчун воситаи асосии маблағгузории дарозмуҳлати БВИ рушди минбаъдаи босуръати ширкатҳои лизингӣ дар назар дошта шудааст»[32].

Ҷадвали 17. -Матритсаи самтҳои асосии рушди фаъолияти молиявӣ

Самтҳо	Низоми чорабиниҳо
Такмили инфрасохтор ва иқтидори муассисаҳои молиявӣ;	✓ такмили идораи низоми бонкӣ ва иқтидори онҳо; ✓ муайян намудани хавфҳои эҳтимолӣ ва пешгирии онҳо; ✓ муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба паст шудани қобилияти харидории пули миллӣ ва паст намудани сатҳи таваррум; ✓ бо роҳи захира намудани маҳсулотҳо таъмини интервенсияи бозор ва нигоҳ доштани нархи мутавозин дар бозори истеъмолӣ; ✓таъмини рақобатпазирии сохторҳои молиявию қарзӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ; ✓ дидани чораҳои фаврӣ нисбати коҳиш додани арзиши хизматрасониҳои молиявӣ, тавассути паст кардани хароҷотҳо бо истифода аз инноватсия, технологияи нави хизматрасонӣ, истифодаи картҳои бонкӣ ва истифодаи воситаҳои электронии пардохт; ✓ муттаҳидсозӣ сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ, ва солимгардонии бонкҳо, дастгирии бонкҳои заиф, таҷдиди бонкҳои беэътимод; ✓ такмили маданияти ҷалби пасандозҳо ва қарздиҳӣ; ✓ таъмини ташкили бозори коғазҳои қиматнок; ✓ такмили ҳавасмандии аҳолӣ оиди истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ; ✓ такмили ташкили муаассисаҳои молиявию қарзӣ дар деҳот; ✓ истифодаи имкониятҳои алоқаи мобилӣ барои хизматрасониҳои молиявӣ; ✓ соддагардонии низоми иҷозатномагирӣ барои воридшавӣ ба бозори молиявӣ; ✓ таъмини дастрасӣ ба бозорҳои молиявии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ; ✓ таъмини талаботи бахши воқеии иқтисодиёт ба сачашмаҳои молиявӣ;
Таъмини дастрасӣ ба захираҳои молиявии дарозмуҳлат барои бахши воқеии иктисодиёт;	✓ такмили бозори байнибонкии қарзҳо; ✓ таъмини шароит барои ташкили бозори аввалия ва такрории коғазҳои қиматнок; ✓ васеъ намудани бозори лизинги молиявӣ ва дастгирии давлатии он.
Такмили самтҳои хизматрасониҳо бо истифода аз инноватсия:	✓идораи хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз усулҳои электронӣ ва дигар востаҳои техникӣ; ✓ҳавасмандкунии истифодаи воситаҳои инноватсионӣ доир ба ҷалби пасандозҳо; ✓таъмини рушди бозори воситаҳои пулӣ бо истифода аз шаклҳои муосири хизматрасонӣ ва ғ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз [28;32; 37].

Барои равнақи соҳибкорӣ бояд системаи чорабиниҳоро таҳия ва ба иҷро расонид, ки тавонад ҳам ҳавасмандии соҳибкоронро барои равнақи он ҳидоят намояд ва ҳам натиҷаҳои онро баҳо дода тавонад. Дар ин радиф дар доираи ин диссертатсия мо бо истифода аз пешниҳодҳои дар воситаҳои ахбори омма ва ҳисоботҳои мушовирони байналхалқӣ доир ба ин масъала бахшидашуда нақшаи

чорабиниҳоро таҳия намудем, ки дар намуди ҷадвали зер оварда шудааст (ҷадвали 18).

Ҷадвали 18.- Самтҳо ва чораҳои ба танзимдарории рушди соҳибкорӣ

Самтҳо	**Чораҳои ба танзимдарорӣ**
Ташвиқи фаъолияти соҳибкорӣ	Ҷамъбасти фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам
	Гузаронидани озмунҳо дар ҳамаи соҳаҳо дар сатҳи маҳал, минтақа ва кишвар
	Ташвиқи соҳибкории истеҳсолӣ ва самтҳои дастгирии давлатии он
	Имтиёзҳои давлатӣ барои рушди соҳибкории бахши воқеии иқтисодиёт
	Таъсиси Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони муваффақ
Такмили ташкили фаъолияти соҳибкорӣ	Таъсиси марказҳои рушди соҳибкорӣ дар маҳалҳо, минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳида
	Дар назди вазоратҳо таъсиси сохторҳои махсуси рушди соҳибкорӣ
	Ташкили созмонҳои ғайридавлатии соҳибкорӣ
	Дастгирии давлатии диверсификатсияи самти рушди соҳибкорӣ
	Таҳияи низоми мониторинги фаъолияти соҳибкорӣ ва хариди давлатии маҳсулоти стратегӣ
	Бо истифода аз Интернет додани маслиҳатҳо доир ба ташкили истеҳсолот ва маркетинги соҳаҳо
	Таҳия ва нашри маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳибкорӣ вобаста ба соҳаҳо
Такмили низоми меъёрию ҳуқуқӣ	Низоми чорабиниҳо доир ба барои ҷалби ҷавонон ба соҳибкорӣ
	Таҳияи роҳнамо барои рушди соҳибкории технологӣ ва экологӣ
	Таҳияи низомномаҳо барои санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ
	Такмил додани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бо назардошти пешниҳодҳои соҳибкорон
	Баланд бардоштани ҳавасмандии сармоягузории муштарак дар бахши соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт
Такмили сиёсати молиявию-қарзӣ	Ҷорӣ намудани дастгирии молиявии давлат ба соҳибкороне, ки техника, технологияи муосирро харидорӣ менамоянд
	Дастгирии давлатии молиявӣ барои барои соҳибкорони ҷавон вазанҳо
	Таҳияи низоми махсуси хариди давлатии маҳсулотҳои инноватсионӣ ва тадбиқи онҳо дар истеҳсолот
Саҳми маориф дар рушди соҳибкорӣ	Ҳавасмандии донишгоҳҳо барои таҳияи таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва тиҷоратӣ
	Ташкили низоми соҳибкорӣ дар мактабҳо
	Ҳавасмандии олимон барои навиштани асарҳо доир ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ
	Ҳавасмандгардонии соҳибкорон барои иштирок дар озмунҳои байналмилалӣ ва ғр.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф бо истифода аз [28;32; 37].

Аз ҷадвали 18 бармеояд, ки чораҳои ба танзимдарории рушди соҳибкорӣ аз панҷ самт иборат аст. Дар самти аввал, ташвиқи фаъолияти соҳибкорӣ масъалаҳои муҳими натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили озмунҳо гуногун дар сатҳи ҷамоати деҳот, ноҳия, вилоят ва кишвар, таъмини ҳавасмандии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, таъсиси Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони муваффақ ба назар дошта шудааст.

Самти дигар такмили ташкили фаъолияти соҳибкориро дар бар гирифта, таъсиси марказҳои рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо ва дар сохтори вазоратҳо, диверсификатсияи фаъолияти онҳо, мониторинги фаъолияти соҳибкорӣ , истифодаи

технологияи муосир, таҳия ва нашри маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳибкорӣ вобаста ба соҳаҳо пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тавр, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон аз нарасидани воситаҳои молиявӣ танқисӣ мекашад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад. Чораҳои дидаи ҳукумат барои рушди фазои соҳибкорӣ назаррасанд, вале барҳамхӯрии шумораи зиёди соҳибкорон нишон медиҳад, ки чораҳои дидашуда натиҷаи дилхоҳ надода истодаанд.

Таҳияи матритсаҳои таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2030, самтҳои асосии такмили фазои соҳибкорӣ, натиҷаҳои чашмдошт дар бахши рушди фазои соҳибкорӣ, самтҳои асосии рушди фаъолияти молиявӣ, самтҳо ва чораҳои ба танзимдарории рушди соҳибкорӣ имконият дод, ки масъалаҳои ҳалталаб муайян карда шуда, самтҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шавад. Таъмини низоми чорабиниҳои пешниҳодшуда муҳити молиявии соҳибкориро такмил дода, ба рушди соҳибкорӣ замина гузорад.

ХУЛОСА
Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тариқ, муҳити молиявии соҳибкориро таҳқиқ намуда чунин хулоса намудан мумкин аст.

1. Дар адабиётҳо ва сарчашмаҳои интернетӣ мафҳуми ягонаи муҳити молиявии соҳибкорӣ мавҷуд нест. “Яке онро чун омилҳо тасвир мекунад, дигаре маҷмӯи қувваҳои таъсиррасонанда, такрористеҳсол ва татбиқи ҷустуҷӯи мақсаднок, омода ва татбиқи инноватсия, сеюмин муҳити иҷтимоӣ, иттиҳодияи субъектҳои хоҷагидорест, ки берун аз корхонаи муайян фаъолият намуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қобилияти ба даст овардани даромад таъсир мерасонад. Гурӯҳи дигар шароитҳоеро дар назар доранд, ки корхона бояд дар он кор кунад, Қисми дигар онро маҷмӯи муҳити зист, имкониятҳо ва иқтидори стратегии ташкилот, системаи шароит ва омилҳое мефаҳмад, ки ба ташкил, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти молиявии он таъсир мерасонанд”[114].

Муҳити молиявии соҳибкориро метавон бо назардошти макромуҳит ва микромуҳит, ташкили муҳосибот, ташкили баҳисобгирии андоз, хусусияти технологияи истеҳсолот ва ғ.) баҳо дод [114]. [М.8]

2. Ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсири мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ расонида мешавад. Вале дар адабиёти илмӣ таснифоти дақиқи омилҳои муҳити берунии соҳибкорӣ вуҷуд надорад. Аммо дар асоси таҳлили нашри иқтисодшиносони гуногун, дар намуди расм омилҳои берунаи ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсиррасонида ҷудо карда шудааст, ки таъсири ғайримустақим ва мустақим доранд. Ба омилҳои таъсири ғайримустақимдошта омили сиёсӣ, иқтисодӣ, демографӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ, экологӣ шомиланд. Ба омилҳои берунаи таъсири мустақим: таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, рақибон, қонунҳо ва мақомоти давлатӣ шомил карда шудаанд.

Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳолате мебошад, ки дар он соҳибкор аз ҷиҳати молиявӣ комилан мустақил буда, қобилияти пардохтпазирӣ, рақобатпазирӣ ва рушди дарозмуддати онро таъмин карда метавонад. [М. 5]

3. Таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии муҳити молиявии соҳибкорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки барои рушди соҳибкорӣ барномаҳои мақсаднок таҳия ва қабул карда мешаванд. Ин барномаҳо ба муҳайё намудани шароит ва беҳтар кардани муҳити молиявӣ равона карда шуда, низоми чорбиниҳои давлатиро ба ҳалли мушкилотҳо, қабл аз ҳама дастгирии молиявии соҳибкорӣ равона карда шудаанд. Механизми дастгирии давлатии малакатҳои хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, кафолати

пардохти фоизҳои қарзҳо, тарбияи кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо, таъмини иттилоот ва ғ. амалӣ карда мешавад. [М.5]

4. Вазъи сиёсии дохилии Тоҷикистон устувор буда, барои рушди соҳибкорӣ муҳити молиявии созгор бунёд намудааст. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ таҳия ва қабул карда шудаанд. Тибқи маълумотҳо Тоҷикистон дар даҳгонаи дастгирии соҳибкорӣ қарор дошта бошад ҳам, вале аз рӯи рейтинги "Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 2018" ҷумҳурӣ ҷойи 126-ро ишғол мекунад.

Таносуби дороиҳои бозори молия нисбат ба ММД, ки сатҳи рушди бозори молияи Тоҷикистонро баҳо медиҳад нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳон 15,4 маротиба паст мебошад.

Қурби расмии номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 тамоюли пастравӣ дорад. Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли 2023 – 31,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 – 10,8 млрд афзудааст. Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2023 – 26,1 млрд. сомониро ташкил дода нисбат ба соли 2017-ум 71,7 фоиз кам шуданд. [М.1]

5. Ошкор карда шуд, ки дар шароити муосир иқтисодиёти Тоҷикистон аз нарасидани воситаҳои молиявӣ танқисӣ мекашад, зеро сатҳи капитализатсия паст буда, арзиши қарзҳои бонкӣ тамоюли афзоиш дорад.

Омилҳои макроиқтисодие, ки ба муҳити молиявии соҳибкорӣ таъсир мерасонад ҳалли масъалаҳои демографӣ таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ, маблағгузории соҳаи илм, ки сатҳи он дар соли 2015 аз 0,15% зиёд набуд, дараҷаи фарсудашавии фондҳои асосӣ дар иқтисодиёт аз руи арзиши баланси боқимонда дар соли 2023 ба 74,1 фоиз баробар буда, дар баробари ин коэффициенти азнавсозии фондхо 35,1 фоизро ташкил медиҳад. Вазъи иҷтимоии аҳолӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ алоқаманд аст, вале ин нишондиҳандаҳо ҳам нигаронкунандаанд.Дар баробари ин новобаста аз он ки хароҷотҳои буҷет ҳамасола барои беҳтар намудани муҳити зист бештар мешаванд, вале мутаассифона миқдори ҳолатҳои фавқуллода меафзоянд. [М. 4]

6. Таҳлили муосири микромуҳити молиявии соҳибкории ҶДММ "Латиф Муродов"-и шаҳри Ҳисор нишон дод, ки дар баробари дастовардҳои истеҳсолӣ дар хоҷагӣ ба рушди истеҳсолот як қатор монеаҳо мавҷуд аст. Бо истифода аз методи SWOT-таҳлил ба ҳолати микромуҳити истеҳсолии хоҷагии мазкур баҳо дода шуд. Ҷанбаҳои мусбӣ, манфӣ, имкониятҳо ва таҳдидҳо ошкор гардиданд. Ба ҷанбаҳои мусбӣ агар мавҷуд будани шароити табии истеҳсоли маҳсулотҳо, аз ҷумла замин, қуввахои корӣ, мавҷудияти бозор, ба шахрҳои Хисор ва Душанбе наздик будани онҳомавҷуд будани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолӣ ҳисоб мешаванд. Ба ҷанбаҳои манфӣ бошад сатҳи пасти технологияи истеҳсолот, ҳолати бади теника ва сатҳи баланди фарсудашавии он, вобастагӣ аз нархҳои ҷаҳонии пахта, набудан корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ мансубанд. Омили дигари ба муҳити молиявии хоҷагӣ таъсиррасонанда мавқеи рақибон ба ҳисоб меравад. Муқоисаи нишондиҳандаҳои се хоҷагӣ ҶДММ "Латиф Муродов", КТ "Баракати Ватан", хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и "Файзулло Саидов" нишон дод, ки мавқеъи ҶДММ "Латиф Муродов"дар бозор мустаҳкамтар аст.

Таъсири миёнаравҳо, фурӯшандагон, мизоҷон, воситаҳои ахбори умум, реклама барало ҳис карда мешавад. Омили муҳими рушди муҳити молиявӣ идоракунии кадрҳо ба ҳисоб меравад, ки хоҷагӣ аз он танқисӣ намекашад. Роҳбарияти устувор дошта дар таърихи фаъолияти бисёрсолааш танҳо се роҳбарро иваз намудааст. Фарҳанги хоҷагидорӣ баланд буда, эҳтиром дар хоҷагӣ дар сатҳи аввал меистад. [М. 9]

Тавсияҳо оид ба амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Тадқиқоти асосҳои назариявии мафҳуми муҳити молиявии соҳибкорӣ ба мо имкон дод, ки нуқтаи назари худро доир ба ин мафҳум чунин хулосабандӣ намоем. Муҳити молиявии соҳибкорӣ "вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ,

илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ ва экологии ташаккулёфтае мебошад, ки ба соҳибкорон имконияти озодона фаъолият карданро муҳайё месозад ва самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд”.[М.10]

2. Таҷрибаи истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёнаи Ҷопон [116], ташкили марказҳои таълимӣ ва таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёнаи Чин, гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз, машварат ширкатҳои суғуртаи Фаронса, пешниҳоди қарз ба соҳибкорони навтаъсис, ки аз давлат ба маблағи 50 ҳаз. евро қарзи имтиёзнокро бо мӯҳлати 20 сол дар Олмон, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунанда (25% кам кардани андозаи музди меҳнат барои корфармоён ва шахсони дар таъминоти онҳо қарордошта)-и ИМА, таъсиси “Фонди кафолатӣ барои рушди тиҷорати хурд"и Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои Тоҷикистон[116] тавсия дода мешавад. [М. 7]

3. Роҳҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ:

1) дар самти омилҳои сиёсӣ:

- аз ҳама шаклҳои муколама истифода бурда, таҳкими робита ва муносибатҳои мутақобилаи байни одамонро бояд афзун намуд;
- муносибатро бо мамлакатҳои ҳамсоя мустаҳкам намуда, барои фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ шароит муҳайё намоем;
- таҳкими муҳити сиёсии рушди соҳибкории дар диссертатсия пешниҳодшударо ба иҷро расонем.

2).**дар самти омилҳои иқтисодӣ:**

- такмили муҳити молиявӣ пеш аз ҳама ба рушди иқтисодиёти солим нигаронида шуда, ҷалби сармояи назарраси хориҷиро таъмин намояд;
- иҷрои 10 принсипи асосӣ, ки муносибати давлат ба соҳибкориро муайян мекунад. Маҳаки асосӣ дар он аст, ки давлат дар иқтисодиёт бояд заминаи ҳуқуқии бозорро ба вуҷуд оварад;
- стратегияи пешниҳодшудаи ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла ба эътидол овардани касри буҷети давлатӣ, таҳким додани сиёсати пулию қарзӣ, дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум, кам кардани миқдори пули нақд дар муомилот, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, танзими низоми андоз, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва диг. таъмин карда шавад;
- зарурати таҳияи стратегияи гузаштан аз саноати меҳнатталаб ба технологияи доништалаб расидааст. Тадриҷан кам намудани ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ, саноати истихроҷ дар сохтори ММД ва афзоиши ҳиссаи саноати коркард ва пеш аз ҳама илмталаб.

3). **дар самти омилҳои демографӣ:**

- таъмини самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ;
- коҳиш додани истифодаи нерӯи корӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат дорад;
- таъмини иҷрои самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ пешниҳод гардиданд.

4). дар самти омилҳои илмӣ-техникӣ:

- такмили иқтидори инноватсионии соҳаҳои хоҷагии халқ, равнақи иқтисоди рақамӣ ва истифодаи он дар муҳайё намудани фазои молиявии соҳибкорӣ;
- иҷрои самтҳои асосии тадбирҳои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон таъмин карда шаванд;

5). дар самти такмили омилҳои иҷтимоӣ:

- ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути таъмини шуғл, трансфертҳои давлатӣ таъмин карда шавад;
- тақсимоти нобаробари ҷуғрофии имкониятҳои иқтисодӣ бартараф карда шавад;
- муҳоҷирати меҳнатӣ ба низом дароварда шавад ва онро яке аз роҳҳои алтернативии таъмин шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дониста шавад;
- стратегияи пешниҳодгардида доир ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ таъмин гардад.

6). дар самти такмили омилҳои экологӣ:

- тадбирҳо оид ба беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, бо иншоотҳои тозакунӣ таҷҳизонидани корхонаҳои саноатӣ;
- кам кардани истеҳсолоти хавфнок;
- дахолати давлат ба раванди истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ;
- истифодаи технологияи безарар дар ҷараёни истеҳсолот;
- пешгирии эрозияи замин ва баланд шудани обҳои зеризаминӣ;
- мутобиқ намудани истеҳсоли неъматҳои моддӣ ба таъсири тағйирёбии иқлим;
- таъмин намудани талабот бо оби тоза ва ҳолати санитарии он ва ғ. [М.11]

4. **Роҳҳои такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ**.

1) Тадбиқи модели консептуалии таҳия ва иҷрои стратегияи молиявӣ.

- ҳангоми банақшагирӣ мутахассисон хусусияти синергетикии кори хоҷагиро аз ҳисоби муттаҳидсозии як қатор элементҳо афзун кунанд;
- назорати зарурӣ ба истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро барои беҳтар кардани вазъи молиявии хоҷагӣ фароҳам меорад;
- риояи принсипҳои асосии технологияи истеҳсолот;
- мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ;
- пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва саривақт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ;
- таъмини ҳавасмандии истеҳсолкунандагон;
- таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон.[М.8]

5. Бо истифода аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шуд. Амалӣ намудани чорабиниҳои дар матритса пешниҳодшуда метавонад боиси таҳкими муҳити молиявии рушди соҳибкорӣ ҳам дар сатҳи макроиқтисод ва ҳам дар сатҳи микроиқтисод гардад. [М.1]

6. Исбот шудааст, ки истифодаи имкониятҳои воситаҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба баланд бардоштани муҳити молиявӣ ба оммавӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ, воситаи асосии ҷалби аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва мутамарказ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳаҳои стратегии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Ҳамкорӣ бо васоити ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон самти самарабахши таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ, ташаккули симои мусбии соҳибкорӣ, воситаи асосии баланд бардоштани эътибори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.[М.2]

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА САНАДҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ, Душанбе, 2023. –С.59

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз ш. Душанбе аз 23.12.2021 №1844

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2024.

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе: Шарқи Озод, 2015.-101с.

5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.-308с.

6. Омори бонки миллии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон. 2022. –С.18

7. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. Приложение к постановлению Правительства Республики Таджикистан от «30» апреля 2021 года, №168 Душанбе – 2021.

8. Ҳисоботи солонаи ҶДММ - “Баракати Ватан” . ш.Ҳисор, 2021.

45. Ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ)
. 2024. –С.36-37

9. Ҳисоботҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. –С.22.

10. Ҳисоботҳои солонаи ҶДММ “Латиф Муродов” барои солҳои мухталиф.

11. Ҳисоботҳои солонаи кооперативи тиҷоратии “Баракати ватан”-

12. Ҳисоботи солонаи хоҷагии деҳқонии “Файзулло Саидов” ноҳияи Қубодиён.

13. Ҳисоботи молиявии хоҷагии деҳқонии «Ифтихор»-и ноҳияи Ёвон

Захираҳои интернетӣ

14. Гуломова М. Финансовая среда Узбекистана: преодоление разрыва с международными стандартами // Компетентность / Competency (Russia). — 2024. — № 1. DOI: 10.24412/1993-8780-2024-1-36-41. Интернет ресурсы. Санаи муроҷиат 4.05.2025

Мақолаҳо ва маърузаҳо:

15. Ковалерова Л.А. Финансовая среда предпринимательства и предпринимательские риски / Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева. – Брянск, 2015. - 201с.

16. Конаков М.А. Развитие малых форм хозяйствования в малом агропромышленном кластере // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. - 2011. -№3 (95). - С. 66-68.147.

17. Ҷурабоев Г., Исоев Р. Муаммоҳо ва дурнамои рушди тиҷорати хурд дар Тоҷикистон////Бюллетени иттилоотӣ-таҳлилӣ.Муаммоҳои мубрами таъсисёбӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон. - №1, Душанбе : Ирфон, 2003.- С.7-12.\

ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандава тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[М.1]. Баходурова Қ.Қ. Управление рынком банковских услуг в условиях переходной экономики. [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова , Ф.М. Раҳимов, Ван Яцзе, С.Х.Ашурзода, М.Б Холназаров //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2.Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534/саҳ.118-125 (0,25 ҷ.ч.).

[М.2]. Баҳодурова Қ.Қ. Баҳои сифати зиндагии аҳолии деҳот. /[Матн] /Қ.Қ. Баҳодурова, С.Ҷ. Кабиров, И.Х. Гулов, Б.Т.Тоҳирҷонов, С. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534 / саҳ.169-175.(0,08 ҷ.ч.)

[М.3] Баҳодурова Қ.Қ.Моҳияти илмии бехатарии озуқаворӣ. /[Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова, А.Ҷ Сафаров, И.С Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. Бохтар-2018. 1/4(57). ISSN 2663-5534 саҳ.175-180.(0,12 ҷ.ч.)

[М.4] Баходурова К.К. Особенности инновационной деятельности в сельском хозяйстве. [Матн] /Қ.Қ.Баҳодурова, Дж.К. Расулов, А.Дж Сафарова // Кишоварз. Журнали назариявӣ ва илмӣ-амалӣ. Душанбе: ТАУ, 2019 ISSN 2074-5435 / № 1 (54) саҳ 165-169.(0,08 ҷ.ч.)

[М.5] Баҳодурова Қ.Қ. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва вазифаҳо / [Матн] Қ.Қ.Баҳодурова, Ҷ.К Расулов, Ш.Р. Насриддинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.Бохтар-2019. ISSN 2663-5534 1/2 (62).саҳ.216-220.(0,10 ҷ.ч.)

[М.6] Баҳодурова Қ.Қ.Асосҳои илмӣ-методии назарияи муҳити рушди соҳибкорӣ. [Матн] Қ.Қ.Баҳодурова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. (илмҳои табиӣ-риёзӣ).Шумораи № 4 (16) Душанбе соли 2022. ISSN 2707-9996.саҳ.149-156.(0,12 ҷ.ч.)

[М.7] Баҳодурова Қ.Қ. Омилҳои ташаккули муҳити молиявии соҳибкорӣ / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Шумораи № 1 (17) Душанбе соли 2023 с. ISSN 2707-9996.саҳ.77-84.(0,25 ҷ.ч.)

[М.8]. Баҳодурова Қ.Қ. Муҳити молиявии соҳибкорӣ дар хориҷа / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” ISSN 2413-5151. № 9 саҳ.161-170. Душанбе соли 2023 (0,31 ҷ.ч.)

[М.9] Баҳодурова Қ.Қ.Баҳои ҳолати муосири микромуҳити молиявии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова, И.С. Ашуров // Маҷаллаи илмию назариявӣ ва истеҳсолии “Кишоварз”.шумораи № 3 (100) Душанбе соли 2023с. ISSN 2074-5435.(саҳ.169-175) (0,12 ҷ.ч.)

[М.10] Баходурова Қ.Қ.Таҳияи стратегияи молиявӣ ҳамчун самти асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.Бохтар-2023. ISSN 2663-5534 1/4 (116).саҳ.225-230.(0,10 ҷ.ч.)

[М.11] Баҳодурова Қ.Қ.Самтҳои асосии беҳтар намудани муҳити молиявӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ. / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Паёми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Маҷаллаи илмӣ) Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз” ISSN 2074-5435 1 (102).саҳ.275-281.(0,10 ҷ.ч.)

[М.12] Финансовая стратегия как основное направление улучшения финансовой среды на микроэкономическом уровне. / [Матн] Қ.Қ. Баҳодурова// Вестник науки.Международнҷй научный журнал.WWW вестник науки. (Маҷаллаи илмӣ) № 12 (81).Тольяти.2024 саҳ.61-83.

Б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[М.13] Баҳодурова Қ.Қ. Маданияти соҳибкорӣ дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозорӣ [Матн] / К.К. Баходурова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-амалӣ (21-22 маи соли 2004) Интегратсияи иқтисодиёти ҶТ ба хоҷагии ҷаҳонӣ. Душанбе С 2004.-саҳ.-67-68.(0,12 ҷ.ч.)

[М.14] Баҳодурова Қ.Қ Внедрение инноваций предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. [Матн] /Қ.Қ. Баҳодурова//. Тезис. Маводи конф. илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон бахшида ба ҷашнҳои “15-солагии истиқлолияти ҶТ”,”2700 солагии шаҳри Кӯлоб” ва “Соли тамаддуни ориёӣ”.с.2006. саҳ.216 (0,06 ҷ.ч.)

[М.15] Баҳодурова Қ.Қ Хусусиятҳои танзимнамоии давлатии соҳибкории хурду миёна дар ҷомеаи ҷаҳонӣ. [Матн] /Қ.Қ.Баҳодурова//. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба 15 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ. Душанбе- 2012 с.ISBN 978-99947-876-4-7. саҳ.258-262 (0,25 ҷ.ч.)

[М.16] Баҳодурова Қ.Қ Масалаҳои асосии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назариявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба пешвози ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20 солагии ҷашни Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе- 2012 с. ISBN 978-99947-910-4-0. саҳ.200-206 (0,43 ҷ.ч.)

[М.17] Баҳодурова Қ.Қ Женщины-предприниматели и их роль в развитии экономики Республики Таджикистан. [Матн] / Қ.Қ. Баҳодурова // Журнали Паёми донишкадаи забонҳо. 3(11). Душанбе 2013 с. ISSN 2226-9355/ саҳ.96-100 (0,31 ҷ.ч.)

[М.18] Баҳодурова Қ.Қ Дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова // Журнали Паёми донишкадаи забонҳо №3(23) 2016 с. ISSN 222-9355 саҳ.124-128 (0,31 ҷ.ч.)

[М.19] Баходурова Қ.Қ. Инновационное развитие предпринима-тельства в АПК Республики Таджикистан [Матн] / К.К. Баходурова, Г.Х. Раззоқова //. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи словянии Россия ваТоҷикистон. Душанбе С 2018, саҳ.61-65 (0,15 ҷ.ч.);

[М.20] Баҳодурова Қ.Қ. Зарубежный опыт государственного регулирования притока инвестиции в аграрную экономику [Матн] / Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров, С Ашурзода // Мизи мудаввар дар мавзӯи «Создание условий для успешной экономической и коммерческой деятельности граждан Таджикистана в стране и за ее пределами» Душанбе. 29 марти соли 2019.дар кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети Иқтисодии ДДСР, саҳ 91-103.(0,27 ҷ.ч.).

[М.21] Баҳодурова Қ.Қ Самтҳои асосии муҳити рушди соҳибкории хурд [Матн] / Қ.Қ. Баҳодурова // ВМИ ҶТ. ДДЗТ ба номи С.Улуғзода. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Саҳми олимони форсу тоҷик дар омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040” “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (ш. Душанбе 27.09.2021), саҳ.53-70 соли 2021с.(1,6 ҷ.ч.)

[М.22] Баҳодурова Қ.Қ. Проблемы государственной поддержки малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан [Матн] / Қ.Қ.Баҳодурова // ВМИҶТ. ДДЗТ ба номи С.Улуғзода. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Саҳми олимони форсу тоҷик дар омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040” “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” (ш. Душанбе 27.09.2021), саҳ.110-119 соли 2021 с.(0,62 ҷ.ч.)

[М.23] Баҳодурова Қ.Қ. Механизми танзими давлатии фазои соҳибкорӣ ҳамчун пояи асосии такмили муҳити молявии он. [Матн] / Қ.Қ. Баҳодурова, И.С.Ашуров// Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайяни рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд.Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- назариявӣ “26 декабри соли 2024)// -Душанбе, АИНПҶТ, 2024. -664с. –С.8-20

АКАДЕМИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И СИСТЕМНОГО АНАЛИЗА
РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

УДК 334 (575.3)
ТКБ 65.05 (2 тоҷик)
Б-33

На правах рукописи

БАХОДУРОВА КУМРИНИСО КАЮМОВНА

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВОЙ СРЕДЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

(на примере сельскохозяйственного предпринимательства)

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.06.06 - Экономика предпринимательства

Научный руководитель: Ашуров И.С.
доктор экономических наук, профессор

Душанбе-2025

Диссертация выполнена в Институте экономики и системного анализа развития сельского хозяйства при Академии сельскохозяйственных наук Республики Таджикистан.

Научный руководитель:	**Ашуров Ихтиёр Саидович -** доктор экономических наук, профессор кафедры «Финансы и кредит» Российско-Таджикского Славянского университета
Официальные оппоненты:	**Раҳматзода Рустам -** д.э.н., профессор кафедры “Экономического анализа” Таджикского государственного финансово-экономического университета
	Валиев Низомиддин Шаробуддинович - к.э.н., доцент кафедры “Бухгалтерского учета и аудита” Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
Ведущая организация:	Таджикский государственный университет коммерции

Защита диссертации состоится 23 декабря 2025 года в 10^{00} на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-063 при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана (Республика Таджикистан, 734055, проспект Борбад 48/5).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (www.iutet.tj)

Автореферат разослан “ ____” _____ 2025 г.

Ученый секретарь диссертационного совета, кандидат экономических наук, доцент **Исмоилов А.А.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Реформы экономики Таджикистана в целях достижения устойчивого экономического развития должны носить системный характер, что проявляется в совершенствовании комплекса экономических отношений, связанных с формированием благоприятной деловой среды. Состояние финансовой среды предпринимательства оказывает существенное влияние, как на экономику страны, так и на отдельные регионы.

С началом экономических реформ усилились различия в социально-экономическом развитии регионов, которые связаны с использованием экономического и социального потенциала территории, формированием рыночных отношений, состоянием и динамикой роста различных видов предпринимательской деятельности в республике.

Так, «В целях защиты и поддержки предпринимательской деятельности, привлечения инвестиций Правительство страны за последние три года ввело дополнительно 30 видов льгот и послаблений в легкой промышленности, сельском хозяйстве, фармацевтике, птицеводстве, животноводстве, туризме и других приоритетных отраслях». [27]

Всестороннее развитие, укрепление экономической независимости, поиск финансовых источников, использование и увеличение потенциала предпринимательской деятельности считаются основными факторами развития предпринимательства, но все еще существуют факторы, сдерживающие развитие предпринимательства. К таким факторам относятся политическая, экономическая, демографическая, научно-техническая, социальная и экологическая ситуация.

Финансовая среда бизнеса, как совокупность внутренних и внешних факторов, напрямую или косвенно влияет на формирование и развитие предпринимательства. Низкий уровень капитализации производства, высокая стоимость банковских кредитов, высокая налоговая нагрузка стали факторами, тормозящими развитие предпринимательства. Без решения актуальных вопросов создания финансовой среды на уровне страны, частной компании, дехканского хозяйства привлечение капитала невозможно и, независимо от формы собственности, желаемый результат не будет достигнут.

В ходе научных исследований было определено, что проведено много исследований по созданию финансовой среды на региональном и национальном уровнях, но ее теоретическая часть и практическая оценка в аграрном секторе до сих пор не изучены. Однако, согласно учению классиков экономической теории, основой предпринимательской деятельности является знание условий и факторов деловой среды.

Сегодня предприниматели Таджикистана действуют в условиях, когда финансовая среда требует совершенствования, поскольку вмешательство в деятельность предпринимателей со стороны определенных структур, высокое налогообложение, коррупция, высокие процентные ставки по банковским кредитам, низкий уровень финансового обеспечения, неэффективная система страхования имущества другие создают препятствия для развития предпринимательства.

Необходимость изучения теоретических основ финансовой среды предпринимательства, факторов, формирующих финансовую среду предпринимательства, а также изучение мирового опыта создания финансовой среды предпринимательства, оценка ее современного состояния на макроэкономическом и микроэкономическом уровнях Республики Таджикистан и определение основных направлений их совершенствования обуславливает актуальность выбранной темы исследования.

Степень научной разработанности исследуемой проблемы.

На разных этапах развития экономической науки ученые уделяли особое внимание изучению финансовой среды и проблем предпринимательства. Предпринимательству и финансовой среде предпринимательства посвящен ряд

научных работ, в том числе труды таких видных экономистов, как К. Маркс, Ф. Энгельс , М.И. Туган-Барановский, А.В. Китманов, Э.И. Комиссарова, Р. Кэмпбелл , Л. Макконнелл, Й. Шумпетер, Л. Брю, П. Самуэльсон, И.А. Чернухина, Е.А. Теплякова, Л.А. Ковалерова, Ю.С. Караваева, С.А. Гурфова, Е.И. Комиссарова, В.И. Воронов, и др. в основном изучали теоретические вопросы.

Исследования предпринимательской деятельности в различных отраслях экономики Таджикистана нашли свое воплощение в научных диссертациях и статьях отечественных ученых Абдугаффорова А.А., Ашурова И.С., Алиевой Г.Ш., Исмоилова Ш.М., Исмоилова А.А., Каримова Б.Х., Комилова С.Дж., Кудратова Р.Р., Мадаминова А.А., Миркамолова А., Солиева А.А., Султанова З.С., Хайрзода Ш.К., Хоркашова И.С., Джабборова Ф.А., Джурабоева Г.Дж., Хабибова С.Х., Шамсиева К.Б., Эшова Д.К. и др.

В последние годы защитили научные диссертации исследователи Хикматов У.С. по бизнес-среде, Лолаев З.Х. по развитию малого и среднего бизнеса, Джайлоев З.М. по государственному регулированию промышленного предпринимательства, Наимов Б.К. по развитию малого и среднего бизнеса в сельском хозяйстве, Наджмиддинов Ф.Н. по организационно-экономическому механизму развития малого бизнеса, Насриддинов Ш.Ш. по проблемам становления и перспективам развития аграрного предпринимательства, Досиев М. по развитию экологического предпринимательства и другие, однако в них не уделено достаточного внимания теоретическим и методологическим аспектам финансовой среды предпринимательства.

Связь работы с научными программами (проектами) и темами. Диссертационная исследования имеет непосредственный связь со следующими нормативно-правовыми актами, как «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», «Концепция развития предпринимательства в Республике Таджикистан на период до 2015 года» за номером №469 от 3.12.2003 г., законы Республики Таджикистан «О перспективах, концепциях, стратегиях и государственных программах социально-экономического развития Республики Таджикистан», «О защите и государственной поддержке предпринимательства» №1194 от 18.03.2015 г., «О дехканских (фермерских) хозяйствах» №1289 от 15.03.2016 г., долгосрочными целями и приоритеты развития страны, представленные Президентом страны в его Посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан на 2014-2024 годы, «Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на период до 2015 года» а также научные темы Национальной академии наук, Министерства финансов Республики Таджикистан, Национального банка Таджикистана и др.

ОБЩЕЕ ОПИСАНИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ

Цель исследования является изучение теоретических и методологических положений финансовой среды предпринимательства, изучение мирового опыта и оценка текущего состояния финансовой среды предпринимательства на современном этапе в Таджикистане и предложение основных направлений ее совершенствования.

Задачами исследования являются:

- ❖ изучение научно-теоретических основ финансовой среды предпринимательства;
- ❖ выявление факторов, влияющих на финансовую среду предпринимательства;
- ❖ изучение мирового опыта финансовой среды предпринимательства;
- ❖ анализ текущего состояния внутренней и внешней среды предпринимательства в Таджикистане;
- ❖ оценка текущего состояния микро- и макрофинансовой среды бизнеса в Таджикистане;
- ❖ представление основных направлений улучшения финансовой среды бизнеса посредством:

- укрепления финансовой среды бизнеса на макроэкономическом уровне;
- разработки финансовой стратегии как основного направления улучшения финансовой среды на микроэкономическом уровне;
- государственного регулирования деловой среды как основной укрепления ее финансовой среды.

Объектом исследования является процесс формирования и развития финансовой среды бизнеса в Республике Таджикистан.

Предметом исследования является изучение сложных взаимосвязей вопросов развития финансовой среды бизнеса в Таджикистане.

Гипотеза исследования. В качестве исходной научной гипотезы исследования было предложено положение о том, что если научно обосновать и укрепить финансовую среду для предпринимательства путем разработки финансовой стратегии как основного направления улучшения финансовой среды на микроэкономическом уровне, укрепления финансовой среды для предпринимательства на макроэкономическом уровне и государственного регулирования делового климата, то можно добиться укрепления и улучшения ее финансовой среды.

Этап, место и период исследования. Тема диссертации «Совершенствование финансовой среды предпринимательства в Республике Таджикистан (на примере сельскохозяйственного предпринимательства)» была выбрана в 2018 году и утверждена в Институте экономики и системных исследований развития сельского хозяйства. С этого года начался сбор данных, и в 2019 году завершена теоретическая глава диссертации, в 2021-2023 годах исследование современного состояния, а в 2023-2025 годах реализованы третья глава диссертации, выводы, утверждение результатов и разработка рекомендаций. Публикация статей по теме диссертации началась с 2004 года. Место исследования - Институт экономики и системных исследований развития сельского хозяйства. Период исследования охватывает 2018-2025 годы.

